**Бобо Насриддин**

# ЧАШМА ДАРЁ МЕШАВАД



Душанбе, «Адиб», 2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-32

Муҳаррир *Мирзо Кенҷа*

Н-32 **Бобо Насриддин. Чашма дарё мешавад**
(қисса ва ҳикояҳо барои кӯдакон ва наврасон).
– Душанбе, «Адиб», 2010, 96 саҳ.

Дар ин китоб ҳафт ҳикоя ва як повести барои кӯдакон ва наврасон навиштаи нависандаи шодравон Бобо Насриддинов гирд оварда шудаанд. Ҳикояҳо воқеӣ буда, аз ҳаёту саргузашти бачаҳои тоҷики деҳотӣ дар солҳои гуногун накл мекунанд, ки онҳо имрӯз ҳам барои тарбияи ахлоқию маънавии фарзандон аҳамияти худро гум накардаанд. Умед дорем, ки бачаҳо аз мутолиаи ин қиссаҳо панде мегиранд.

ISBN 978-99947-2-018-7

© Бобо Насриддин, 2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПЕШГУФТОР

Хотироти рангини айёми бачагию наврасӣ барои адиб на фақат сарчашмаи илҳом, балки мавзӯи доимии тасвир низ ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, нависандаеро кам пайдо кардан мумкин аст, ки аз ҳаёти давраи бачагиву овони ҷавониаш асаре эҷод накарда бошад. Аз ҷумла, адиби зиндаёд Бобо Насриддинов ҳам чанде аз ҳикояву повестҳояшро ба мушоҳидаҳои замони бачагиву навҷавониаш бахшидааст, ки онҳо таври пароканда маҷмӯаҳои дар солҳои гуногун ба табъ расондаи ӯ дохил гардида, барои хонандагони имрӯза ноёб ҳисоб меёбанд. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки чанд ҳикоя ва як повести нависандаро дар як маҷмӯаи алоҳида гирд оварда, ба наврасон – ҳаводорони каломи бадеъ арза дорем.

Бо камоли бовар метавон гуфт, ки мутолиаи ҳикояҳову повести ин маҷмӯа барои хонандагони ҷавон, хусусан наврасони деҳотӣ ҷолиб хоҳад буд зеро чун шодравон Бобо Насриддинов худ зодаи деҳа аст, қаҳрамонҳояшро бештар аз хурдсолону наврасони деҳот интихоб намудааст. Қаҳрамонҳои ӯ аксар бачагони маъсум, ростқавлу меҳнатдӯстанд, дили беғаш ва одоби ҳамида доранд, ки тимсоли онҳоро дар деҳоти мо имрӯз ҳам пайдо кардан мумкин аст.

Дар ҳикояи «Афсона» дар бораи қисмати талхи писарбачаи даҳ-дувоздаҳсолаи маъюб Ваҳҳоб нақл карда мешавад, ки дар солҳои пурдаҳшати ҷанг аз падару модар маҳрум монда, баъди сарсониву оворагиҳо бо ҳидояти як марди некном ба деҳае меафтад, ки хурду калони он ӯро бо оғӯши гарм мепазиранд. Писарак ба мардуми деҳа чунон унс мегирад, ки ӯ фарзанди ҳар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонадону бародари ҳар фарди хурдсол мегардад. Афсӯс, ки қисмати Ваҳҳоб бо фоҷиа анҷом меёбад: аз шунидани шумхабари марги падари дӯсти ҷониаш Сайфулло ғуссамарг мешавад. Ӯ мемирад, вале қиссаи ӯ ба афсона табдил меёбад ва хурду калони деҳа онро то ба имрӯз нақл мекунанд...

Дар ҳикояи «Оҳубарра» бошад, сухан дар бораи натиҷаи амали зишти сайёди бераҳм меравад, ки оҳуеро паронда, бачаи вайро ятим монондааст. Оҳубарраро бачаҳо, ки ба саёҳати кӯҳ баромада буданд, дошта ба қишлоқ меоваранд ва бо шири буз парвариш менамоянд.

Ҳамин тавр, дар ҳикояҳои дигари маҷмӯа «Чашма дарё мешавад», «Модарам – ҷону дилам», «Лонаи парасту», «Модарамро пазмон шудам» қиссаҳои аҷиб нақл карда мешаванд, ки онҳоро худи шумо – наврасони азиз, мутолиа карда барои худ маъниҳо мебардоред.

*Абдуғаффор ҶӮРАЕВ,*
*профессор*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# АФСОНА

Барфи лак-лакии аввали шаб саршуда чоштгоҳи рӯзи дигар монду чароққӣ офтоб баромад. Рӯйи барф ҷавоҳирот пошидагӣ барин ба ҳар ранг ҷило дода, чашмро мебурд. Дар айвони офтобрӯяи мактаби деҳа, ки дар баландӣ воқеъ буду аз он ҷо тамоми дарёбод ва водӣ намуда меистод, бачаҳои бисёр ҷамъ шуда бозӣ мекарданд.

Дар домани сап-сафеди водии фарохи барфин дарё хатҳои кабуди каҷу килеб кашида, равон аст. Рӯ ба рӯйи деҳа аз болои шохобҳои дарё пулҳои борики чӯбин хобида, соҳилҳоро ба ҳам мепайвастанд. Роҳгузаре ба назар наменамуд, фақат як чизи мисли тӯрбаи коҳ намудор шуд, ки гоҳ ҳаракат мекарду гоҳ истода, худ ба худ ҷунбуҷӯл дошт. Диққати ҳама ба он ҷалб шуд, ки чӣ бошад. Боз ба ҳаракат даромад, мисли печкаи худгарди афсонавӣ барфи баландро чок карда пеш меомад.

Вақте ки пеш омад, аён гашт, ки одам аст, қариб ғавак кашида роҳ меравад. Бачаҳо бозиро партофта он сӯ давиданд. Бечора, писараки тақрибан даҳдувоздаҳсолае буд. Дар тан ҷомаи нимдошти мардона дошт, ки остинҳояш қариб ду ваҷаб аз дасташ дароз буданд. Бари ҷома дар рӯйи барф мехобид, ки саросар тар шуда ях кардааст. Бадбахт пойафзол ҳам надошт ва шолу намадпораҳоро ба пойҳояш печонда, аз болояш ресмонкаш карда буд. Маълум гашт, ки пойҳояш модарзод чангак шуда будааст ва ӯ гоҳ ба асоча, гоҳ ба дастонаш такя карда, кашола шуда роҳ мерафт. Дар сараш рӯймоли кӯҳнаи пашмин, аз болояш телпаки ним-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дошти латтагин пӯшида, гӯшакҳояшро аз таги манаҳ сахт баста монда буд.

Писарак ба бачаҳои ҷамъомада бо чашмони чори имдодҷӯ нигариста, пайваста мегирист ва ба пурсиши онҳо чизе гуфта наметавонист. Маълум, ки аз хунукӣ карахт шудааст. Сайфулло ном бачае, ки аз дигарон калонтар буд, бегап ӯро озод бардошта, болои хар шинонд. Аз қафо худаш савор шуд, то ки писарак наафтад.

– Канӣ, гурезед, – гуфт ӯ ба бачаҳо, – ин маймун неку, охир. Намебинед, одам аст, ях кардааст бечора. – Баъд калонсолон барин амр дод: – Тез хонаҳотон рафта ҳезум биёред, ба меҳмонхонаи амаки Муллошариф. Нон биёред, ягон дами гарм бошад, боз хубтар. Канӣ, зуд бошед.

Амаки Муллошариф берун аз ҳавлиаш ба хоначае печка шинонда, палос партофта монда буд, ки мусофирони роҳгузар дар он шабро рӯз карда, дар ҳаққаш дуо карда мерафтанд. Бачаҳо ба хонаҳояшон рафта ҳар кас аз рӯйи будаш ҳезум ва дар бағалҳо нону ғӯлинг гирифта, ба меҳмонхона ҷамъ омаданд. Дар печка алав даргиронда, хонаро тасфониданд. Либосҳои тарашро хушк кунонда, як буридагӣ нонҳои овардаашонро чойи гарм катӣ хӯронда буданд, ки «меҳмон» андак ба худ омад, оҳиста-оҳиста ба гап даромад. Ба лабони аз хунукӣ кабудгаштааш табассум дамид, миннатдорӣ кард ва ғайричашмдошт, ба овози хурӯс, бузғола, акка тақлид карда, садоҳо баровард. Мазмун, ба ивази меҳрубониҳояшон бачаҳоро хандонда хурсанд карданӣ буд. Баъди ҳамин вай номашро гуфт, Ваҳҳоб будааст, саргузашташро ҳикоят кард, бисёр ғамангез. Аз кимкадом қишлоқи назди Ургут будааст, падараш ба ҷанг



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

рафта, хати сиёҳаш омадааст. Модараш ҳам нобуд шудааст. Як хоҳару додари аз дасташон кор меомадагиашро хешони дури падараш гирифта бурдаанду Ваҳҳоби маслуқ дар ба дари мардум сарсону саргардон мондааст.

Имрӯз як бозоракии савобталаб «ман туро ба сағирхона барам» гуфта, ба автобуси раҳгузар савор карда, ба шаҳр овардааст. Аммо сағирхона ба дигар район кӯчида рафтааст. Баъд бозоракӣ Ваҳҳобро ба роҳи ҳамин қишлоқ равон карда гуфтааст, ки одамони ин ҷо андак ба худашон тинҷ, ятимпарвар, аз ҳар даргоҳ як буридагӣ нон дода метавонанд.

Ваҳҳоб мисли одамони солхӯрда дастонашро ба нишони миннатдорӣ ба сари синааш бурда:

– Илоҳо барака ёбед, хока гиред, зар гардад, – гуфт ва илова кард: – Шумо ҷони одам будаед.

Вай барои наҷотдиҳандаҳояш матал мегуфт, ғазалҳои қаландарӣ мехонд ва порча-порча аз ҳадиси пайғамбарон ҳам нақл мекард. Маълум, ки сарсониҳо ӯро ба давраи қаландарон ҳам бурдааст ва барои аз дари мардум ризқу рӯзӣ ёфтан худашро тайёр карда будааст.

Вақти хоб шуда ҳама аз ҷой хестанд. Ваҳҳоб, ки ба танҳоӣ одат карда будааст, бепарвоёна дар кунҷи меҳмонхона лӯнда шуд. Сайфулло лаби шолу намади нимдоштро бардошта ба рӯи ӯ гардонд, ки гармакак хоб равад. Вай аз таги «ҷогаҳи» гармаш базӯр овоз баровард:

– Пагоҳ боз биёетон, кулча биёретон, шутур карда медиҳам.

Бачаҳо, ки ин шутуркуниҳоро медонистанд, хандида баромада рафтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳамон рӯз эътиборан Ваҳҳоб узви оилаи қариб тамоми аҳолии қишлоқ шуд. Аз нону таоми худашон бачаҳо кам-кам барои Ваҳҳоб меоварданд. Ҳатто подабони деҳа аз «оши ҳалолаш» ҳаққи Ваҳҳобро ҷудо карда оварда медод.

* * *

Зимистон ба гандагиҳо баромад. Ба қавле, даҳони ҳама ба хоклеси баҳор расид. Тут бачахӯрак шуду ризқи Ваҳҳоб фаровон. Чашми рӯз накафида, ба таги дарахтон ҳозир мешуд, вале чун илоҷи дарахтбарӣ надошт, тутҳои бодрезро аз рӯи хоку қумҳо чида, пуф-пуф карда ба даҳон меандохт. Ҳамин ки бачаҳои дигар селаи гунҷишку сочҳо барин омада ба шохҳои дарахтон мечаспиданд, вай хурсанд мешуд. Ба зери ҳар дарахт рафта илтимос мекард:

– Дарду балота гирам, хоки поят шавам, ҳамун шохаки таги пота як ларзонда мон.

– Аввал як хурӯс шав.

Ваҳҳоб дарҳол ба овози хурӯс тақлид карда, бонг мезад. Баъд овози сагро тақлид мекард, гурба мешуд. Бачаҳо ҳар кадом барои Ваҳҳоб тут меафшонданд. Ӯ сарашро аз тутхӯрӣ набардошта, миннатдорӣ мекард:

– Илоҳо падару акаҳои ҳамаатон сиҳату саломат биёянд. Хонаҳотон тӯйхона шавад.

Баъди ин дуоҳо ҳар як бача дар тоқиаш барои Ваҳҳоб тутҳои калон-калони печак барин сап-сафеди ширинро чида оварда медоданд. Чашмони ӯ аз шодӣ лиққи об мешуданд. Вай аз байни ҳунарҳояш махсусан овози хурӯсро хуб тақлид мекард, ҳатто садои ӯро шунида, мокиёнҳо ҷамъ шуда, хурӯсро мекофтанд. Барои ҳамин бачаҳо ба номаш лақаби «хурӯс»-ро ҳамроҳ кар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

данд. Худаш ҳам аз ин лақаб хурсанд буд. Навозиш барин садо медод.

Вай тамоми рӯз мӯрча барин ҷунбуҷӯл дошт. Аз байни хоку хасҳо якто-якто тут чида, дар офтоб хушк мекард. Зимистон даркор мешавад, мегуфт ва мисли калонсолон гапашро бо ҳикмати халқӣ исбот мекард:

– Кулӯхи тобистон – меваи зимистон.

Мавсими дараву хирманкӯбӣ аз паяҳо хӯша мечид, аз сари хирманҳо кам-кам кавсан мегирифт. Хуллас, ки ғами зимистонро худаш мехӯрд, ки ба гардани ягон кас бори зиёдатӣ нашавад.

Бо вуҷуди ҳамин қадар серкориаш қариб ҳар рӯз назди чашмаи Шӯрак рафта, аз лои сурхи часпаки он ҷо барои бачаҳо ҳуштакҳои гӯшакдор ва барои духтаракон лӯхтакҳои аҷоиб сохта тӯҳфа мекард. Бо хоҳиши хурдтаракон ҳар вақт дар таги дарахтҳо «консерт» намоиш медод. «Консерт»-ҳои ӯро гоҳо калонсолон ҳам бо шавқ тамошо мекарданд ва дар охир оҳ кашида, ба ҳолаш дилашон месӯхт.

– Э тақдири бераҳм, ҳамин хел бачаи қобилу дилёб чӣ гуноҳ кард, ки маъюбу маслуқ ва хору зораш кардӣ.

* * *

Дар деҳа ногаҳон шумхабаре паҳн шуд, ки хати сиёҳи падари Сайфулло омадааст. Ваҳҳоб қатори аввалинҳо ба таъзияхона омад. Сайфулло барои вай некиҳои зиёд карда буд ва ӯ дар ин мусибат намедонист, ки чӣ тавр дӯсташро тасалло диҳад. Сайфуллло баробари модараш ҳавлиро ба сараш бардошта зор-зор нола мекард. Ваҳҳоб дар паҳлӯи Сайфуллло истода, чандон нолаҳои пурсӯз кард, ки гӯё ҳамин рӯз падари худаш мурда бошад. Чунон марсияе хонд, ки то ҳол ка-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

се аз одамони калонсоли деҳа нашунида буд. Нагиристагӣ одам намонд. Баъд ба як гӯшаи ҳавлӣ кашола шуда рафта, дар сояи девор пойҳои чангакашро ба тагаш кашида лӯнда шуда нишаст. Сархам, маъюс, якзайл китфонаш меларзиданд, гоҳ-гоҳ алам кашида як фарёди пурдард мезаду боз хомӯш мешуд. То бегоҳ ба ҳамин аҳвол нишасту вақти говгум ноаён ғайб зад.

Шаб, ки омаду рафти одамон қатъ шуд, набудани Ваҳҳоб аён гашт. Суроғ карданд, номашро гирифта ҷеғ заданд, нест, ки нест. «Хайр, дар ягон ҷой хобидагист», гуфтанду ҳама ғарқи дарду алами худ гаштанд.

Ваҳҳоб фардо ҳам пайдо нашуд. Вай ҷойи аниқи хоб надошт, дар баҳору тобистон ҳар ҷое, ки рост меомад, сарашро мемонду рӯз мекард. Сайфулло ва чанд бачаи дигар ҷойҳои гумонбарро диданд, дараке нест. Куҷо рафта бошад, чӣ воқеа шуд?

Рӯзи сеюм бачаҳо Ваҳҳобро аз таги садаи саҳни мазор беҳолу мадор ёфтанд. Лабу рӯяш каҷ шуда буд, аз даҳонаш кафк мебаромад, чашмонаш беҷо, ҳаросон, имдодҷӯ.

– Ба ту чӣ шуд, Ваҳҳоб?

– Хоб дидам, додом ҷеғ заданд, – канда-канда ҷавоб дод Ваҳҳоб.

– Чаро ба ин ҷо омадӣ?

– Намедонам. Даруни мазор биё, гуфтанд, омадам.

– Тарсидӣ?

– Ҳа.

– Биё, рафтем, – гуфта бачаҳо бардоштанӣ шуданд.

– Мана наҷунбонед, наметавонам.

– Бардошта мебарем.

– Не, монед, пеши додом меравам. Шаб омада мебаранд...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сиёҳию сафедии чашмонаш омехта шуданд, гапаш канда шуд, дар ҷойи хобаш ҳалқа зад, қабзаи алафи чангзадааш ноканда монд...

Қиссаи ятимаки бекасу кӯй Ваҳҳоб-хурӯсро бачаҳои он солҳо имрӯз ҳам ёд мекунанд. Афсона менамояд.

Бигузор, барои бачаҳои имрӯзу фардо ҳамчун афсона бимонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# М Ӯ З А

Кӣ дар бачагиаш орзуи мӯзаи нав накардааст? Ин савол, албатта, имрӯз аҷиб менамояд, ҳатто хандаовар аст. Чунки магазинҳо пур-пури туфлию ботинкаҳои зебо ва мӯзаҳои ҳархела аст. Кадомашро хоҳӣ, харида пӯш. Лекин ҳикояти мо хонандаро хаёлан ба солҳои вазнини давраи ҷанг мебарад.

... Соле ду-се бор ба деҳаи Сари чашма як устои мӯзадӯз меҳмон мешуд. Ҳар дафъа чанд ҷуфт оварда муфурӯхту барои бачаҳояш ризқу рӯзӣ мекард. Одамон мегуфтанд, ки ӯ марди аёлманде будаасту лаҳзаҳои аз кори артел фориғ нони даҳони бачаҳо гуфта, дар хонааш шабҳои дароз мӯза дӯхта мефурӯхтааст. Дар шаҳр, ки ғалла камчин будааст, вай дастранҷашро, агар қулай ояд, ба гандуму ҷав ҳам иваз карда мерафт.

Баҳоррӯя, арафаи иди Наврӯз ҳамон усто боз ба деҳа омада, дар ҳавлии Зафарино қарор гирифт. Вай ин дафъа ҳамагӣ ду ҷуфт мӯзаи сурхи бачагона оварда будааст, ки як ҷуфташро падари Зафар барои писараш харид. Ҷуфти дигараш ҳам талабгори зиёд дошт, лекин Зафар онро чанг зада гирифта ба Шокир дод. Онҳо ҷӯраи қарин буданд. Падар мақсади писарашро фаҳмид ва ба Шокир ишора кард:

– Пӯшида бин.

Шокир пойҳояшро ба домани ҷомааш пок карда, бечуръатона мӯзаро пӯшид. Гӯё дар пояш чен карда дӯхта бошанд, ки қоим омад. Рӯ-рӯи меҳмонхона ду-се қадам гузошту ба сӯйи мӯзадӯз ва падари Зафар нигоҳ кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Муборак шавад, – гуфт усто, – ҷудо зебид. Акнун падаратро гӯй харида диҳад. Соҳиби ҳавлӣ сарашро хам кард, нигоҳашро аз бача гурезонда тарафи мӯзадӯз ишораи маънидоре кард. Ӯ фаҳмид, ба маънии «чӣ илоҷ» китф дарҳам кашиду ба мӯзаҳои пойи Шокир нигарист. Нигоҳаш гӯё «каш» мегуфт. Шокир суст шуд, дар ҷояш нишаста мӯзаҳоро кашид. Талабгори дигар даст дароз карда буд, ки Зафар мӯзаро чанг зада гирифту ба падараш ва усто рӯ овард:

– Мумкин-мӣ, дада, хонаашон барем, модараш харида медиҳанд.

– Майлаш, – гуфт усто ва аз ин кори Зафар рамузи нек гирифт.

– Баред, – гуфт падар ва ба талабгорони дигар фаҳмонд, ки усто дафъаи гузашта ба Шокир ваъда карда буданд.

Шокир хурсанд шуда мӯзаро таги бағал карду бод барин аз хона бадар рафт. Ҳатто чоруқчаҳои кӯҳнаашро ҳам фаромӯш кард. Модар, ки дар офтобрӯяи айвон нишаста чок медӯхт, шоду хурсанд омадани писарашу ҷӯраи ӯро дида лаҳзае аз кор бозистод. Дар дастони Шокир мӯзачаро дида ҳайрон шуд. Маънии нигоҳашро пай бурда, писараш ҳам ҳозирҷавобӣ кард:

– Усто-амак оварданд, харида диҳед, очаҷон.

– Чанд пул будааст? – мӯзачаро муоина карда пурсид модар.

– Пул набошад, ба ним пуд гандум ҳам медодаанд, – ба ҷойи ӯ ҷавоб дод Зафар.

– Ҳозир ним пуд гандум... – модар дар ҳузури Зафар давоми гапашро нагуфт ва мӯзачаро аз дасташ нагузошта гуфт: – Хайр, ягон илоҷ мекунем, бачем.

Зафар гӯё дилаш пур шуд, боварӣ ҳосил карду хайр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гуфта гашта хонаашон рафт. Боз аз роҳаш гашту «Рӯзи ид» гуфта, ба пойҳои худашу Шокир нигариста табассум кард. Маънии ин ишораҳои хушнудона, мазмун, ҳамин буд, ки «рӯзи ид ҳарду бо мӯзаҳои нави якхела сайр мебароем».

Гуфтугузори рамзии ҷӯраҳоро шунида, модар базӯр лаб зери дандон монда, худашро нигоҳ дошт. Нигоҳашро ба мӯзача андармон карда, худ ба худ «ятимаки берӯзӣ» гуфта монд.

– Падарат зинда мебуданд, худат нагуфта харида медоданд.

– Аз ягон кас қарз гирем-чӣ? – саросема маслиҳат дод Шокир.

– Дар худ нест, дар олам нест, бачем, – гуфт модар ва нигоҳи ноумедонаи писарашро дида, аз ҷояш хесту хона даромад. Пас аз муддате дар пушти як рӯйҷо бар қадри зӯрраси бачаи дувоздаҳсола мавиз баста баровард ва назди Шокир гузошта оҳиста гуфт:

– Канӣ бар, мумкин ба мавиз ҳам алиш кунад.

Шокир мавизро бурду гашта овард.

– Худаш боғ доштааст, мавиз даркор не, гуфт.

Аз тарси он ки мӯза аз даст наравад, бо умед ба модараш нигарист. Нигоҳаш илтиҷо мекард, ки «модарҷон, ягон илоҷ ёбед». Модар як муддат фикр карду рӯйҷои пури мавизро ба дасташ гирифт ва ба Шокир ишора кард:

– Рафтем.

Шокир напурсид, ки куҷо мераванд. Ҳарфе нагуфта аз паҳлӯи модараш ба роҳ даромад. Рафтанд – рафтанду ба дарвозаи аммааш даромаданд. Писарак хурсанд шуд. Аммааш ба худаш тинҷ буд, як мӯзачаро харидан барои ӯ чӣ гуфтанӣ гап.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Амма, яъне хоҳари падараш, онҳоро хуш қабул кард, ҳатто Шокирро бӯсид, навозиш кард. Гила кард, ки чаро намеояд. Вале чун ба сари мақсад омаданд, ҳолаташ дигар шуд, вале худро бой надода гуфт:

– Мӯзаро монда раветон. Почотон биёянд, маслиҳат мекунем. Ту пагоҳ вақти ношито биё.

– Илоҳо барака ёбед, хока гиред, зар гардад, – дуо кард модар.

Очаю бача хурсанд баромада рафтанд. Тамоми шаб хоби Шокир намебурд. Чашмаш пӯшида мешуду мӯзачаро дар бағалаш медид. Гӯё касе аз пояш кашида мегирифта бошад, доим дар бағал гирифта мегашт...

Чашми рӯз кафиду Шокир ношито ҳам накарда, роҳи хонаи аммаашро пеш гирифт. Вале ин дафъа аз чӣ бошад, ки аммааш нигоҳашро аз ӯ мегурезонд. Бо гардани каҷ гӯё аз ӯ узр мехост.

– Почот розӣ нашуданд. Аз дасти ман чӣ меояд. Ман дастнигар, ман ноилоҷ, – гуфту мӯза ва рӯҷои мавизро бароварда ба дасташ дод.

Шокир ҳанӯз кӯдак бошад ҳам, аз алам ба чӣ аҳвол ба хона омаданашро намедонист. Аввалин бор умед кашида, ноумед баргашта буд. Модар ҳам, гӯё ногаҳон ҳақорате шунида бошад, ба ҳолати ногуворе афтод, аз ғазаб ларзид. Иззати нафсаш сахт коҳид, лекин вой нагуфт.

Модарон дар ҳақиқат пурбардошт мешудаанд. Шокир инро дар симои модари худаш ҳис кард. Бо вуҷуди ин хориву зиллат модар сари писарашро сила карда, дилдорӣ доду тугунро боз аз замин бардошт. Шокир рад кард. Модар ба ҳолаш намонд, мӯзаро ба рӯймоле печонда маҷбурӣ зери бағали ӯ гузошту аз дасташ гирифт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хонаи амакат рав, – гуфт. – Вай сермеҳмон аст, мавиз бисёр даркор мешавад.

– Намеравам.

– Гарданшахӣ накун, худаш гуфта буд.

– Не.

– Наравӣ, худам меравам.

– Шумо ҳам наравед.

– Садақа не-ку. Як хасашон ба мо лозим нест.

– Рафта чӣ гӯям?

– Гӯй, ки ҳамин мавиза гиреду мӯзаро харида диҳед. Не намегӯяд.

Шокир, мисли он ки аз гарданаш ресмон баста кашола карда бошанд, ё чунонки мегӯянд, ба рӯяш пӯстак кашида, ноилоҷ ба роҳ даромад.

Дар рӯйи ҳавлии калони амакаш саги хирсҷуссаи серпашм лавандона гаштугузор мекард. Шокир тарсида, аз беруни дарвоза занҷирро зад.

– Кӣ вай? – овози зани амакаш баланд шуд.

– Ман.

Шокир бенавои аввалин бор ба гадоӣ баромадаро мемонд. Вай шармидаву кебида, базӯр дарвозаро нимроғ карда худашро нишон дод. Зан баъди ӯро шинохтан бо дили нохоҳам:

– Даро, – гуфту дигар ба ӯ эътибор надода, аз пайи кораш ба тарафи ошхона рафт.

Шокир борашро пуштора карда ба таги айвон расида буд, ки амакаш ҷомаи беқасаб бар китф аз хона баромад. Бори пушторац писарак аз бори хиҷолати мӯҳтоҷӣ боз ҳам вазнинтар гашта, қомати ниҳоли ӯро хам карда буд. Амакаш ин борро дида пурсид:

– Ин чӣ?

– Мавиз, – гуфт Шокир ва барои он ки давоми гапи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ёддодаи модарашро гум накунад, ба саволи дуюми амакаш мунтазир нашуда, давом дод. – Очем гуфтанд, ки ҳамин мавизро гиреду ин мӯзаро ба ман харида диҳед будааст.

Амак мӯзаро дурудароз муоина карда истода буд, ки ҳамин вақт занаш пайдо шуда, норозиёна ба ғур-ғур даромад.

– Дар балои ятимчаҳо мондем. Нони хӯрданӣ надоранду дилашон мӯзаи хиром мехоҳад, тавба. Ишкам ҷизу ҷиз, фӯта кӯчқорак.

Амакаш теғ кашида тарафи занаш нигаристу мӯзаро ба дасти Шокир дод ва чизе нагуфта, гашта хона даромад. Шокир дар таги айвон моту ҳайрон монд, чӣ кор карданашро намедонист. Суханони зани амакаш сӯзан барин ба дилаш халида онро хуншор карда буд. Чашм ба чашм афтоданду гумон кард, ки нигоҳи ӯ мағзи устухонашро сӯрох карда гузашт.

Аз хона баромадани амакашро мунтазир нашуда, бегап мӯзаро таги бағал гирифту рӯйҷои пурмавизро резрезон кашола карда, аз дарвоза бадар рафт. Ҳолати дирӯзаи модарашро ба худ тасаввур кард. Одам таҳқир бинад, ғурураш поймол шавад, ба ҳамин ҳолат меафтодааст.

Аз дарвоза баромаду гиря гулӯгираш шуд, чашмонаш ба ду пиёлаи пуроб табдил ёфтанд. Аз тарси он ки фиғонаш набарояд, лаб зери дандон газида, пешпо хӯрдаю афтода ва боз ба по рост шуда мерафт. Намехост, ки ягон кас ӯро бинад...

Шокир рост ба меҳмонхонаи Зафарино рафт, мӯзаро ба Устоамак дода, дасти холӣ ба хонаашон рафт. Модари зор ҳолати писаракро дида, намегиристу бас. Оҳ кашид, сараш ба рӯйи синааш хам шуд. Гӯё тоқати гиряи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ӯро надошт, ки рӯяшро ба дастонаш пӯшида фиғонаш баромад.

– Хок бар сари бечорагӣ!

Ин гӯё фарёду нафрине буд, ки аз дилаш мисли як пора оташи сӯзон берун ҷаст.

– Ғам махӯр, писаракам. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд.

Баъди як ҳафта иди Наврӯз омад. Зафар ба идгоҳ мисли Шокир пойлуч рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## О Ҳ У Б А Р Р А

Пагоҳии айёми баҳорон.

Як гурӯҳ бачагон дар назди дарвозае ҷамъ омадаанд. Ҳама дар тан либосҳои сабуки баҳорӣ ва дар даст тугунчае бо тӯшаи якрӯза доштанд. Яке аз онҳо занҷири дарвозаро бори дигар сахт-сахт ҷунбонд.

– Шодӣ, ҳой Шодӣ!

– Ҳа, ҳозир,... ҳозир мебароям, – шунида шуд аз ҳавлӣ ва ду-се дақиқа нагузашта, аз дарвоза бачаи қадпасти қоқинае баромад.

– Э, охир тезтар-дия, ҳамин ҳам кор шуд... Ҳамин замон ҳаво, ки гарм шуд, ба кӯҳ баромадан мушкил мешавад, – коҳиш кард Мансур.

– Ҳатто дирӯз огоҳ кардем, ки шаб чизҳоятро тайёр карда мон...

– Фақат таъна будааст-дия, – ранҷида гуфт Шодӣ. – Хайр, муаллим канӣ?

– Ҳамроҳи синфи шашум рафтанд, – гуфт Мансур. – Дар Сойи Сурх интизор мешавам, гуфтанд.

Баробари тулӯи офтоб бачаҳо ба доманаи кӯҳ расиданд, ки аз деҳаашон ба масофаи на он қадар дур воқеъ гардида буд. Аз ин ҷо тамоми гирду атроф, манзараҳои деҳаву боғот намудор буд.

Офтоби нав аз паси кӯҳ сарбардошта нурҳои тиллоранги худро аввал ба қуллаҳои баландтарин ва баъд оҳиста-оҳиста ба ҳамворию пастхамиҳои гирду атроф, ки табиати мӯъҷизакор қолини пурнақшунигоре гусгурда буд, саховатмандона ба пошидан сар кард.

Аз як тараф садои фараҳангези найи чӯпонӣ, овози маҳину форами барраҳои ширмаст, хониши дилнавози



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кабкҳои маст, шилдир-шилдири оби мусаффои чашмаҳои зулол, ки аз қаъри кӯҳ ба рӯйи синаи санг ҷорӣ мешуданд, ба гӯш хеле форам мерасид. Бӯи тези арча ва гиёҳҳои дигари кӯҳӣ ба кас ҳаловат мебахшид.

Баъзеҳо ин манзараҳои назаррабоandоро дидан ҳамон дар дил орзуи геолог шуданро ҷо медиҳанд. Медонед, геолог шуда, ин хел ҷойҳоро сайр намуда, сирру асрори дили ин кӯҳҳои азиму пурганҷро кашф кардан чӣ кори пуршарафест.

Ҷӯраҳо аз ҳар хусус сӯҳбаткунон боз ҳам баландтар мебаромаданд ва ниҳоят дар рӯи санги калоне нишаста дам гирифтанд. Аз он ҷо деҳаи хурдакаку зебои худ ва қишлоқҳои ҳамсояро низ ба хубӣ дидан мумкин буд. Аз баландии кӯҳ истода, дашти васеи бо ҷомаи сабзи гулдор зинатёфтаро тамошо кардан аҷаб кайфияте дорад.

Рӯз қариб чоштгоҳ шуда буд. Бачагон ҳар кадом саргарми коре буданд: яке гул мечид, дигаре замбӯруғу чукрӣ меҷуст.

Якбора чашми яке аз онҳо ба чизе афтод ва ҳамроҳонашро огоҳ карда, оромона бо дасташ он тарафро нишон дод. Дар сояи салқини арча як чизи зардак танҳо мехобид, ҳар дам гӯшҳояшро ҷунбонда, пашшаҳои дар сару рӯяш нишастаро аз худ меронд. «Бачаи харгӯш барин, эҳтимол модараш ҳам дар ҳамин наздикиҳо бошад». Онҳо аввал тарсиданд, ки очааш ба хашм омада, онҳоро газида намонад, вале дар охир маслиҳат карданд, ки арчаро ҳалқасон иҳота кунанд.

– Не, ин хел доштан мумкин не, – оҳиста пичиррос зад Шодӣ.

– Барои чӣ мумкин не? – бо ҳамин оҳистагӣ пурсид бачаи дигар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Вай дасти одамро мегазад.

– Истед..., истед, агар бо санг зада гирем-чӣ, – таклиф кард бачаи дигар.

– Ту девона шудаӣ магар? Мурдаи вайро ба сарат мезанӣ?

– Истед, як роҳи дигар ҳаст, – гуфт Мансур.

– Чӣ хел?

– Яктакҳоямонро мекашему ба рӯяш партофта пахш карда мегирем.

Онҳо аз ҳар тараф ба арча наздик омаданд. Ноомади корро бинед, ки «харгӯшча» аз ин огоҳ шуда, як қад парида аз ҷояш хест ва ба тарафе бо суръати тамом тохт. Пас аз хеле ба ин тарафу он тараф давидан, аз иҳотаи бачаҳо баромад.

Дар байни бачаҳо шавқун ва ғалоғула баланд шуд:

– Ин харгӯш не, оҳуча будааст, алабатта доштан даркор.

Вале афсӯс, ки оҳубарра аллакай хеле дур рафта буд. Ҷӯраҳо, яке за тарафи чап, дигаре аз тарафи рост, сеюмӣ аз дунбол оҳубарраро пеш мекарданд. Ҳаракати оҳубарра оҳиста-оҳиста суст шудан гирифт. Монда шуд. Бачаҳо ҳам ба вай наздик шудан гирифтанд. Аммо оҳубарра кӯшиш мекард, ки худро халос кунад. Мансур, ки барои дошта гирифтани оҳубарра аз ҳама бештар зӯр мезад, давида истода мегуфт:

– Ҳой, оҳучаи нағзакак, нагурез, аз мо натарс! Нагурез! Нагурез!..

Ниҳоят бачаҳо онро доштанд.

Вай дар бағали Мансур беозор меистод. Тез-тез задани дилашро Мансур ҳис мекард. «Эҳ, бечора, хеле монда шудааст-дия», аз дил гузаронд ӯ.

Чашмони тобони оҳубарра ҳаросон ба атроф мени-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гаристанд. Вай бо умеди раҳоӣ ёфтан дасту по мезад, худро бардорузан мекард. Аммо бачаҳо бо хурсандӣ яке навозишкорона вайро сила мекард, дигаре аз сару рӯй ва чашмонаш мебӯсид. Онҳо бо ҳайрат аз ҳамдигар мепурсиданд, ки модари оҳубарра куҷо рафтааст. Яке мегуфт, ки аҷаб не гург хӯрда бошад, дигаре мегуфт, ки мумкин касал шуда мурдааст, сеюмӣ тахмин мекард, ки шояд аз ягон шах афтида маиб шуда, ҷо хобидааст.

Аммо ин баҳсҳо танҳо тахмин буданд.

Дар асл воқеа ин тавр шуда буд:

... Дар ҳамвории болои кӯҳ оҳуе бо фароғати тамом саргарми чаридан буд. Баррачаи навзоди вай дар гирди модараш парвонавор давр мезад. Вай бо завқ гӯшҳояшро сих намуда, аз ин сӯ ба он сӯ метохт. Мабодо каме дур равад, очааш бетоқат шуда, ба вай менигарист. Аз нигоҳи меҳрубононааш пай мебурдед, ки навозишкорона мегуфт: «Ширинакам, дур нарав...»

Оҳубарра ҳам мақсади модарашро фаҳмида, боз сарашро яктарафа карда, чорхеззанон дар як нафас ба назди модараш меомад, худро ба ӯ молиш дода, думчаи кӯтоҳу борикашро тез-тез меҷунбонд ва пойҳои дароз-дарози нозукашро тук-тук ба замин мезад.

Сад ҳайф, ки ин оромию фароғат дер давом накард. Банохост аз паси санге мили сиёҳи милтиқ намудор шуд, ки он ба сӯи оҳу нигаронида шуда буд.

«– Эй сайёди бераҳм, чӣ хел дилат мешавад, ки ин оҳучаи бегуноҳро аз модари маҳбубаш ҷудо кунӣ? Напаррон, то онҳо осуда бошанд! Гир мили камонатро, хуни ноҳақ нарез...»

Ин суханҳо, гӯё аз дили ҳар як санг ҷарангосзанон садо медод... Эҳ, афсӯс, садои гӯшкаркунандае ба кӯҳсор ғулғула андохт. Оҳуи бечора нохост як хез заду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пуштнокӣ ба замин афтод. Оҳубарра, ки бори аввал садои пурдаҳшати тирро мешунид, аз ҳоли модараш ҳам пай набурд. Ба гирди модараш тез-тез давр мезад, бо сараш ӯро оҳистекак тела медод, гӯё «очаҷон, хез, онтарафтар меравем» мегуфт. Пайкари ба хун оғуштаи оҳу дарақ-дарақ меларзид ва ниҳоят, шояд аз талвосаи ҷонканӣ бошад, як ба худ печида хост ба по рост шавад, вале натавониста ба паҳлӯи дигар афтод. Аз чашмони хирашудаистодааш ашки ҳасрату алам мерехт. Оҳубарраи моту мабҳутгашта ногоҳ одами ба сӯи худ ояндаро дида, ноилоҷ бо ҷасади бемадори модараш абадӣ видоъ намуд. Вай ба пасаш нигоҳ карда-нигоҳ карда мегурехт, фиғон мекард: бааа, баа, баа!... Ба куҷо рафтанашро намедонист.

... Вақте ки бачагон ба қишлоқ баргаштанд, аллакай бегоҳ шуда буд. Подаи сокинони деҳа аз чаро бармегашт.

Бачаҳо дар даромадгоҳи деҳа қарор гирифта, бо ҳам маслиҳат мекарданд, ки оҳубарраро кӣ бояд ба хонааш барад. Ҳеҷ кас ба фикри якдигар розӣ намешуд, ҳар кадоме аз онҳо мехост, ки оҳубарра дар хонаи ӯ бошад. Ниҳоят, Мансур, ки ҳоло ҳам оҳубарра дар бағали ӯ буд, таклиф кард:

– Биёед, ба хонаи мо мебарем. Мо як бузи бачамурда дорем. Ту медонӣ-ку, Шодӣ, ҳо ҳамон бузи шохкалон...

– Ҳа, медонам, – тасдиқ кард Шодӣ ва илова намуд:

Ана, ёфтем, бачаҳо, бузи Мансурино ҳам аз оҳу монданӣ надорад, инро ба вай одат мекунонем. Ҳамин ки калон ва алафхӯр шуд, ӯро ба гӯшаи зиндаи мактабамон мебарем.

Ҳама ин таклифро қабул карда, ба хонаи Мансурино



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рафтанд. Дар рӯи ҳавлӣ модари Мансур Зумрадхола машғули бузҷӯшӣ буд.

– Очаҷон, – ба модараш наздик шуд Мансур, – инро бинед! Аз кӯҳ доштем, инро ба бузи зардамон синамак-кон кунем, майлаш?

Зумрадхола таклифи писараш ва ҷӯраҳои ӯро қабул кард. Шодӣ бузро дошта омад ва аз гарданаш маҳкам дошта истод. Оҳубарра ҳам бо иштиёқи тамом бузро макид...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЧАШМА ДАРЁ МЕШАВАД

Офтоб бар теғаи кӯҳ нав зардӣ андохта буд, ки Нозимҷони рассом харсавор ба назди қаторчашма пайдо шуд. Оби даҳ чашмаи хурду калон аз ҳар тарафи дара поён шорида ва ба ҳам омада, як дарёчаи шӯх шуда буд. Дар роҳи об сангҳои азим хобида, дами онро мегардониданд. Вале рӯд тан надода, аз сару паҳлӯи сангҳо норозиёна наъра зада гузашта поён мерафт, ба ҳам печидаву ба сангҳо бархӯрда, шир барин кафк мекард. Дар лаби рӯд ҳулбаю буттаи гулхор рӯи об хам шуда кокул ба кафкҳо мезаданд.

Нозимҷон аз хар фаромада рӯи санги лаби рӯд сарипо нишаста даст ба оби сарди роҳатбахш бурд. Ба кафаш ба ҷои об кафки сафед меомад ва дубора чуқуртар даст андохта об мегирифту сару рӯяшро мешуст. Харашро ба ҷои сералафе бурда, ресмонашро ба шохи дарахти фарк баст. Малберту дигар асбоби расмкашиашро аз хӯрҷин гирифта, дар рӯ ба рӯи шаршараи сафедоб соз кард, ки аз баландии тақрибан даҳ метр поён мефаромад, ғулғулааш гӯшҳоро ба қомат оварда, одами навомадро ба ваҳм меандохт. Насими рӯҳнавози серун заррахои обро ба рӯй мепошид, ба ҷону тан ҳаловат мебахшид.

Рассомон одатан сурати дидаву дар хаёлашон тарҳрезишударо мекашанд, ҳарчанд зебо кашанд ҳам, лекин ба он ҷон бахшидан ва аз тобиши ҳар рангаш навое офаридан ба ҳар кас муяссар намешудааст. Вай ҳамин хел орзу дошт, вале ин ният ҳоло даст намедод. Барои ин таҳсили аъло ва меҳнати бисёри бедареғ лозим будааст. Нозимҷон бошад, ҳамагӣ понздаҳ сол



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дошту ҳамин сол синфи ҳаштумро дар мактаби деҳа тамом кардааст.

Чаро ба номи ӯ калимаи «рассом» часпидааст? Албатта ин бесабаб нест. Вай ҳанӯз аз синфҳои поёни мактаби деҳа ба тасвири ҳар чизи ба назараш шинам шавқ дошт ва аксар кашидаҳояш ба муаллимон писанд меомад. Рафта-рафта ҳунараш, ба қавле сайқал меёфт. Вале хавфе пеш омад. Мактаб муаллими расм надошт ва ин дарсро ҳар кас ба таври худ ҳалолу ҳаром мегузашт. Хавф аз он буд, ки чунин муҳити носоз завқи бачаро накушад. Муаллимон ба падару модараш маслиҳат доданд, ки Нозимҷонро Душанбе бурда, дар мактаби бачагонаи рассомӣ гузоранд. Вале, азбаски илоҷашон нашуд, онҳо ин корро карда натавонистанд.

Сипас муаллими нақшакашӣ Рашидов бачаро аз синфи чаҳорум сар карда, ба тарбияти худ гирифт, то ки ба сари худ ба ҳар чӣ даст зада, дар ниҳояти кор дилсард шуда, истеъдодашро гум накунад. Ҳар вақт ӯ ба Душанбе равад, бо рухсати падараш, албатта, Нозимҷонро ҳамроҳ мегирифт, ба музейи санъати тасвирӣ мебурд, коргоҳи рассомони шиносашро нишон медод, ба омӯзишгоҳи рассомӣ мебурд, ҳар гуна албому коғазу рангҳои гуногун харида медод. Ҳамин ки ба деҳа бармегаштанд, ба ӯ ороиши газетаҳои деворӣ, кабинетҳои фаннӣ, навиштани ҳар гуна шиорҳои мактабиро месупурд, то ки майли ӯро ба ҳунари рассомӣ бештар кунад, аз ҳар гуна тасвирҳои беҳудаю сарсарӣ боздорад. Баъзан танҳо бо иҷозати Рашидов дар ороиши варақҳои ҷанговари бошишгоҳҳои бригадаҳои колхоз ҳам дасташ мерасид. Расмҳои аз назари деҳотиён аҷоиб мекашид. Ана ҳамин тавр, ба номи ӯ калимаи «рассом» ҳамроҳ шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Падараш ба Нозимҷон тамоми асбобу лавозимоти рассомиро харида дод. Бо маслиҳати муаллими нақша Рашидов директори мактаб як қисми кабинети адабиётро барои ӯ ҷудо карда дод, ки дар вақтҳои фориғ аз дарс ин ҷо кор кунад. Хуллас, ки ӯро барои омӯзишгоҳи рассомии ҷумҳурӣ тайёр мекарданд.

Як кори ғайричашмдошти правлениями колхоз Нозимҷон ва муаллимашро хеле шод гардонд. Ташаббуси ҳар кӣ ҳам бошад, кори хуб шуд. Дар рӯзи синфи ҳаштумро тамом кардани Нозимҷон колхоз ба ӯ як даста албомҳои рассомони номдор, манзаранигорҳои гузаштаву имрӯза, бисёр асбобу масолеҳи рассомӣ тӯҳфа кард. Дигар кас не, худи раиси колхоз оварда супурд. Ин ҳазил не.

Дар ҳолати Нозимҷон ноаён тағйироте ба вуҷуд омад. То ҳозир вай гӯё ин шуғлашро як навъ бозии ҳавову ҳавас мепиндошту якбора бори вазнини масъулият ба зиммааш афтод ва акнун андеша мекард, ки ин кор ҷиддӣ менамояд ва оё аз ӯҳдааш мебаромада бошад. Ба расмҳои дар албомҳо чопшуда менигаристу ӯро воҳима мегирифт, ки рассомии ӯ ба қавли бибиаш, хара хандаву буза бозӣ будааст.

Боз муаллими нақша ба ёрӣ омад.

– Бузургон ҳам якбора аз осмон наафтодаанд, – гуфт ӯ ва гапашро бо ду мисраъ шеър тақвият дод:

*«Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад».*

Ҳама мисли ту навмашқ буданд. Батадриҷ таълим диданд, заҳмат кашиданд, устод шуданд.

– Раҳмат, муаллим.

– Ҳоло ба ман гӯш кун.

– Хуб шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ба омӯзишгоҳ дасти хушк қабул намекунанд.

– Медонам.

– Пас бигӯ, ки асарҳоятро тайёр карда мондӣ?

– Ҷудо кардам, вале ба худам маъқул не.

– Ин тавр бошад, қоидаи қабулро аз нав омӯз. Дар чанд жанр асар талаб мекунад. Аз рӯйи ҳамон кор кун.

Нозимҷон баъди ин сӯҳбат андак баҷуръат шуд. Ҳар расме, ки мекашид, ҳатман аз назари муаллими нақша мегузаронд. Медонист, ки ӯ рассом нест, муаллими геометрия асту аз нақшакашӣ дарс медиҳад. Ба ин кор сарфаҳм меравад, аз ҳама муҳимаш, марди хайрхоҳест, одамро дастгирӣ ва ба роҳи мақсад ҳидоят карда метавонад. Барои ҳамин Нозимҷон ба ӯ чун ба устод ва шахси ба дилаш наздик унс гирифт, меҳр баст, бовар кард.

– Чанд асарат, – гуфт муаллим, – ба назарам мегузарад.

– Дилам пур не, – гуфт Нозимҷон.

– Ин гувоҳи серталабиат, – ӯро эътимод бахшид муаллим. – Аз худ қонеъ набудан ҳам хуб аст.

Сипас муаллим фикрашро ҷамъбаст намуда, ба Нозимҷон супориш дод, ки дар давоми як моҳи боқимонда манзараҳои атрофи деҳаашонро ба тасвир гирад. Албатта, асари калон не, ҳоло зӯраш намерасад. Лавҳаҳои ҷудогона кашад. Масалан, манзараи шаршараи Оби сафед, Сабоҳи қулла, Дараи булбулон, Ашки тарма ва боз чизҳои дигар.

– Раҳмат, муаллим, – ба ваҷд омада гуфт Нозимҷон. – Боз чанд мавзӯи дигар ба хотирам расид. Агар аз тарафи қуллаи муқобили ин дараҳо баромада, чашмаҳои қатор, обшорҳои ҳар дара, аз дили тармаву зери сангҳо шоридани оби зулолро кашам, чӣ хел мешавад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Албатта нағз мешавад.

– Оғози дарё ном монам, мувофиқ мешавад?

– Чашма дарё мешавад гӯӣ, беҳтар.

Муаллим хурсанд шуд. Фикри ӯро маъқул донист.

– Офарин, – гуфта таъриф ҳам кард.

– Ин ҳоло гап, муаллим, – ҳис кард, ки андаке баланд рафтааст ва худро пасттар гирифт.

– Акнун ба ту барори кор. Фардо ман понздаҳрӯза ба шаҳр меравам. Субҳ ту бояд аз пайи мақсад шавӣ. Ваъда медиҳӣ?

– Ваъда медиҳам, – шодона изҳор кард Нозимҷон.

– Қатъӣ?

– Гап як!

Онҳо хайрухуш карданд. Фардо муаллим сӯи шаҳр нишеб шуду шогирд малберташро сари китф бардошта, ба қуллаи кӯҳ роҳ гирифт.

* * *

Нозимҷон вақтҳои охир хеле серкор шуда монд. Падару модараш ҳам ба ӯ кори дигар намесупурданд. Саҳари солеҳон кӯҳ мерафту нисфи рӯз дар тасфи ҳаво бармегашт. Аввал хуб расмкашӣ мекард ва дар охир як хар алаф даравидаву бор карда ба деҳа меомад. Ҳар рӯз кораш ҳамин буд.

Муаллим Рашидов ҳам корашро дар шаҳр сомон карда омад. Ҳисоботи шогирдашро маъқул донист ва ҳар ду дар тараддуди сафар шуданд. Падару модари Нозимҷон, ки колхозчии деҳнишин буданду қоидаҳои қабули таҳсили омӯзишгоҳро намедонистанд, бо миннатдорию сипоси зиёд тамоми ихтиёрро ба муаллим доданду тӯшаи роҳ омода сохтанд. Ба ҳар ду фотеҳа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

доданду ба роҳи мурод гусел карданд. Вале писарашон ҳанӯз хавотир буд, ки оқибат чӣ мешавад, рафту агар кораш барор нагирад, бо кадом рӯй ба деҳа бозгардад. Гапи бибиаш аз хотираш намерафт: «Рафтани лаклак аён нест, вале омаданашро ҳама мебинанд».

Имтиҳон чанд рӯз пайи ҳам гузашт. Аз ҳар намуди рассомӣ имтиҳон карданд, расмҳои кашидаашро санҷидаву таҳлил намуданд. Ба комиссия расмҳои манзаравии Нозимҷон аз ҳама бештар писанд омад. Ҳар дастаи расмҳояш номи алоҳида дошт. «Навои обшор», «Дараи булбулон», «Чашма дарё мешавад» ва боз номҳои дигар.

Нозимҷон аз гуфтугӯю баҳсҳои рассомон гоҳо хурсанд мешуд ва боз намуди ҷиддӣ гирифтани баъзе аз аъзоёни комиссияро дида, ба дилаш ваҳм меафтод: аз афташ, маъқул нашуд, чӣ мешавад, агар маъқул не гӯянд. Дар ҳамин андеша буд, ки як мардаки ришдор дар пеши расмҳои Нозимҷон қарор гирифту ӯро ҷеғ зад:

– Ин ҷо биё, писар.

– Лаббай, – гуфта зуд ҳозир шуд Нозимҷон.

– Ту аз ин пеш дар ягон мактаби рассомӣ нахондаӣ?

– Не, ман аз деҳа омадам. Он ҷо ин хел мактаб нест. Дар мактабамон муаллими расмкашӣ ҳам надорем, – муфассал шарҳ дод Нозимҷон.

Муаллими ришдор – аксари рассомон ҷавон бошанд ҳам, риши калон монда мегаштаанд – каме ба андеша рафту ниҳоят пурсид:

– Пас ин ҳунарро аз куҷо омӯхтӣ? Кӣ туро ба ин даргоҳ овард?

Нозимҷон бисёр фикр накарда, бадоҳатан ҷавоб дод:

– Ман ҳаваскор, расмкаширо дӯст медорам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худомӯзӣ кардам. Муаллими нақша Рашидов ёрдам карданд. Он кас маро ин ҷо оварданд.

Ӯ андак кушода шуд, гумон кард, ки расмҳояш писанд омадаанду рассоми ришдор таъриф карданист. Боз аз дил гузаронд, ки шояд шубҳа кунад, ки ин кори худаш нест, дасти каси дигар аст. «Хайр, санҷида бинад, вазифаи дигар диҳад, ман аз ин наметарсам. Фақат қабул кунад, шуд».

Ба ростӣ, дар ин чанд рӯзи гаштугузор ва гирумонҳои муҳити омӯзишгоҳ, сӯҳбати рассомони тамошои асарҳои зебои онҳо меҳри ин ҳунар дар дилаш бештар гашт ва майли таҳсилу рассомшавӣ дигар ӯро ором намегузошт. «Фақат ҳамин ҷо мехонам, ҷои дигар даркор нест».

Ғайричашмдошти Нозимҷон рассоми ришдор ӯро хурсанд кард.

– Ба корат мо баҳои дуруст мондем.

– Ташаккур, – аз хурсандӣ гуфт ӯ.

– Лекин ҳушёр бош, аз худ нарав, – насиҳат кард рассом. – Бачаҳои дар мактабҳои рассомӣ хондагӣ аз ту беҳтарҳо ҳастанд. Мо туро танҳо барои ҳавасу завқат, барои ғайратат ба таҳсил тавсия медиҳем. Мехоҳем, ки ҳамин истеъдодат хор нашавад. Фардо соати даҳ комиссияи мандат мешавад. Сари вақт биё.

Нозимҷон, ки ба ин хел рассомҳои зӯри асарҳояшон машҳур бори аввал вохӯрда буд, чӣ гуфтанашро надонист. Мехост миннатдорӣ кунад, ташаккур гӯяд, ваъда диҳад, ки минбаъд нағз мехонаду соҳибҳунар мешавад, вале аз ҳаяҷон забонаш лол шуду чизе гуфта натавонист, чашм аз рӯи муаллим намеканду якзайл табассум мекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рассоми ришдор ҳолати писаракро пай бурда ӯро ба худ овард.

– Ба ҳамон муаллими нақшаат раҳмат гӯй. Сари вақт дастатро рост кардааст.

– Албатта мегӯям.

– Аз мандат дер намон.

* * *

Рӯзи дигар баъди ҷамъбасти маҷлиси комиссияи мандат дар саҳни ҳавлии омӯзишгоҳ Нозимҷону муаллими нақша Рашидов дар оғӯши якдигар шуданд. Ҳама пиндошт, ки онҳо падару писаранд.





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МОДАРАМ – ҶОНУ ДИЛАМ

Собир ҳеҷ гоҳ ба ин дараҷа ҳайратзадаву парешон набуд. Ҳатто як ҳафта пеш, ҳангоми бо модараш ҷанг карда рафтанаш ҳам худро ба ин андоза ҳақиру ранҷида ҳис накарда буд. Он рӯз, худ аз худ маълум, гӯё аз модар хафа шуда рафт. Аммо имрӯз чӣ? Чанд ҷӯрааш якбора аз ӯ рӯй тофтанд. Модари ҷӯраи наздикаш Манзур ҳам, ки доим ба ӯ ғамхорона насиҳат мекард, нигоҳ накарда гузашт ва писарашро ҷеғ зада ба ҳавлӣ даровард. Манзур ҷӯраашро биё ҳам нагуфт, хомӯшона дарвозаро пӯшида аз дарун занҷир кард. Ду ҷӯраи дигараш ҳам ба ӯ эътибор надода гӯё аз пайи кору бори худ рафтанд. Собир дар сари кӯча зору танҳо монд. Чаро? Чӣ гап шуда бошад? Ба тирезаи хонаашон нигоҳ кард, пардаи тунук ними тирезаро мепӯшонду бас, гӯё кайҳо ба он дасти одам нарасидааст. Бодбезаи тиреза ҳам яла, бофтаҳои анкабут гӯшаҳои онро печонда гирифтаанд. Тоқа парастуе аз он парида баромад. Ба дили Собир ваҳм афтод.

Ҷуръати ба хона даромадан намекард, аз модараш шарм медошт. Мабодо ки бемор бошад. Модарашро ранҷонда, як ҳафта ба ким-куҷо гум шуда рафт, имрӯз бо кадом рӯй назди ӯ дарояд. Вай ният дошт, ки ҳамроҳи ҷӯрааш ягон корро баҳона карда дарояд. Хаёл карда буд, ки агар модараш мисли пештара «бачекам, хайрият омадӣ, гӯр забони ман шавад, туро ранҷондам» гуфта меҳрубонӣ кунад, гап назада даромада мешинад. вале агар «ин қадар рӯз куҷо будӣ, охираш сари мана мехӯрӣ» гуфтанӣ гапашро такрор кунад, бегап либосҳояшро гирифта тамоман рафтанӣ буд. Ба куҷо?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Назди дӯстонаш. Хонаи Шокирино. Падару модари ӯ дар экспедитсияи геологӣ. Зинда бод озодӣ! Ҳеҷ кас кордор не, касе «мактаб рав, дарс тайёр кун» гуфта безор намекунад...

Собир дид, ки дар атроф ҳеҷ кас намонд. Ноилоҷ, ба қавле, чарм ба рӯяш кашида, тарафи хонаашон равона шуд. Даричаро тела дод, кушода нашуд. Тақ-тақ кард, садое нест. Ҳамин вақт аз дарвозаи шафат холаи Оиша баромада, назди дарича рост истод. Собир тарафи ӯ нигоҳ накарда, дарвозаро кӯфтан гирифт.

– Дара мешиканӣ, бача, – гуфта Собирро аз ин кори беҳуда нигоҳ дошт холаи Оиша.– Дар хонаатон ҳеҷ кас нест.

– Очаам дар куҷо?

– Шарм надошта оча мегӯяд-е! – иллат кард занак, – дайдуи безорӣ! Садқаи оча шавӣ!...

Собир ҳис кард, ки холаи Оиша боз гапҳои аз ин ҳам сахттар гуфтанаш мумкин, ба ягон чиз пурсидан забонаш нагашту тез аз ӯ дур шуд. Сараш гаранг, гумону саволҳои зиёде дар майнааш радду бадал гаштанд. «Модарам куҷо рафта бошад? Чӣ воқеа шуд? Чаро ҳама аз ман рӯй тофтанд? Сабабаш маълум, албатта, модаратро ранҷондӣ, азоб додӣ, мегӯянд. Гапи ҳамаашон як. Безор ман аз ин хел насиҳатҳо...»

Ба ҳар ҳол, дар хона набудани модару гапҳои талхи холаи Оиша, аз ӯ рӯй гардондани ҷӯраҳо дилашро ғаш кунонданд. Касе гӯё дар бехи гӯшаш гуфт, ки фарзанди ноқобил балои ҷони модарон аст. Аз ин нидо як қад парида ба пушташ нигарист. Касеро надид. Аз дил гузаронд, ки дарвозаи Манзуриноро кӯбад, пурсад, ки чӣ воқеа шуду модараш куҷост. Аммо тарсид, гапҳои холаи Оиша ба хотираш расиданду аз фикраш гашт. Ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хараки сари кӯча нишаст. Вақт мегузашт, аммо касе ба ӯ эътибор намедод, ҳама гӯё аз ӯ ҳазар мекарданд: «Аз модарбезор, ҳама безор».

Дар ҳақиқат, Собир модарашро бисёр озор дод. Ҳашсола буд, ки падараш аз фалокати автомобил ҳалок гашт. Ин ғаму алам барои модари ҷавон хеле гарон афтод. Ба саломатиаш беасар намонд. Вале ба хотири ҳамин писаракаш худро бардам гирифта, ба дардҳояш тан надода мегашт. Саҳар Собирро мактаб бурда, ба дасти омӯзгорони гурӯҳи бардавом медод, ки то оғози дарси сменаи дуюм ин ҷо бошад. Бегоҳ саросема аз кор омада, ӯро аз мактаб мегирифт.

Зиндагии модару писар хуб буд. Писар калонтар шуду модар хурсандӣ мекард, ки акнун дастёри мададгору боэътимод дорад. Ҳа нагуфта ҷои падарашро мегирад, соҳиби хонаву дар мешавад. Вале... вале афсӯс, ки ин тавр нашуд. Собир ба синфи шаш гузашту рафтораш дигар шудан гирифт. Рӯзҳои дароз кӯча мегашт, ба дарсҳо намерафт, ҳатто баъзан ба хона намеомадагӣ ҳам шуд. Модар ғам мехӯрд, мактаб рафта аз муаллимон мадад мепурсид. Базӯр аз синфи шаш ба ҳафтум гузашт. Ташвиши модар бештар гашт: бо ким-кадом бачаҳои безорӣ ошноӣ пайдо кардааст. Як рӯз ҳатто аз шӯъбаи милитсия кофта омаданд, ки модари бечора ларзиду дар ҷояш нишаста монд. Ин зарбаи ногаҳонӣ ӯро гаранг кард. Чаро? Корд ки ба устухон расид, модар дигар ихтиёр аз даст дод. Собирро ҷанг кард, хориаш омада гирист, ки писари чордаҳсолааш ба ҷои ӯро саробон шудан ба сараш кулфат овардааст.

– Ақлатро кор фармо, бачем, – зорӣ мекард модар. Ҳатто падари ҷавонмаргашро пеш овард, ки ба номаш иснод наорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Собир баъди ин гапҳо як-ду рӯз одам барин гашт. Ногаҳон ҳамёни модарашро холӣ карда ғайб мезад. Ҷои рафтааш маълум не. Модар хун мехӯрд, вале шарм медошт, ки ба милитсия муроҷиат кунад. Ҳамин тавр, баъди як «сӯҳбати» модару писар Собир ба гиряҳои зори модараш нигоҳ накарда, дарро тараққос зада баромада рафту ҳоли волидаи зор табоҳ гашт.

... Ҳамсояҳо «ёрии таъҷилӣ»-ро даъват карданд. Духтурон модарро ба табобатхона бурданд. Собир, ки як ҳафта дар хона набуду аз ин нохушӣ дарак надошт, чӣ кор карданашро надониста гаранг шуда монд. Бори аввал гӯё гуноҳи азиме карда бошад, худро маломат кард, ки сабабгор вай аст. Саросема роҳи беморхонаи колхозро пеш гирифт. Дар он ҷо гуфтанд, ки аҳволаш вазнин буд, ба беморхонаи шаҳр бурданд. Дер шуда бошад ҳам, сари кӯча баромаду ба як мошини роҳгузар савор шуда ба шаҳр расид. Аммо дарвозаи беморхона маҳкам буд, посбон ӯро даромадан намонд. Соат ёздаҳи шаб шуда буд.

Чашмони писарак лиққи об шуд. Илтиҷо кард, ки ақаллан як назар модарашро бинад.

– Барвақтар омадан лозим буд, дар ин бевақтӣ кӣ туро назди бемор мемонад? – гуфт посбон.

– Аз қишлоқ омадам, роҳам дур буд.

– Фардо ҳам омаданат мумкин буд.

– Ман аз бемории модарам хабар надоштам, ҳамин рӯз ба ман гуфтанд, – гунаҳкорона сар хам кард Собир. – Ақаллан фаҳмам, ки аҳволаш ... – гиря гулӯгираш шуда давоми гапашро гуфта натавонист.

Посбон ба ҳоли Собир раҳмаш омада ба духтури навбатдори қабулхона телефон кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

–Духтаракам, барака ёбед, рӯйхати беморони як ҳафта пеш омадагиро бинед, ному фамилияаш фалон...

Баъди фурсате навбатдор хабар дод, ки бо ҳамин фамилия зане дар палатаи бистум хоб аст.

– Кӣ мепурсад? – тагпурсӣ кард навбатдор.

– Писараш омадааст, – ҷавоб дод посбон.

– Назди он занак даромадан манъ аст. Фақат иҷозати сардухтур даркор.

– Мефаҳмам... Писарак мепурсад, ки аҳволаш чӣ хел?

– Ҳеҷ чиз гуфта наметавонам. Ҳоло хоб аст.

Телефон хомӯш гашт. Мӯйсафед ҳам гӯшаки телефонро гузошта, ба Собир меҳрубонона нигоҳ карда гуфт:

– Модарат дар палатаи бистум будааст, саломатиаш бад не, мегӯяд духтур. Ҳозир наздаш даромадан мумкин нест, фардо албатта мебинӣ.

Писарак каме осуда шуд, оби чашмонашро бо пушти дасташ пок кард. Нигоҳаш ба кӯча афтод, берун торик буд. Вай танҳо акнун пай бурд, ки шаб асту ҷои рафт надорад. Посбон аз нигоҳи ҳаросони писарак рамуз гирифта пурсид:

– Дар шаҳр ягон хеш ё шинос дорӣ?

– Не, – ҷавоб дод писарак ва ҳаракати хестан кард, ки посбон даст ба китфаш гузошт.

– Ҳамин ҷо мон, бача.

Собир ба ҷояш нишаст. Мӯйсафед дастархонашро, ки ҳанӯз нағундошта буд, назди писарак кашида, аз чойники қаробоӣ як пиёла чой рехта ба ӯ дароз кард.

– Аз роҳи дур омада бошӣ, хастаю гуруснаӣ. Нон гир, чойро нӯшу ана ба ин диван дароз каш. Модарро саҳар мебинӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Посбон рӯи ҳавлӣ баромад.

Собир ба дивани нимдошти кунҷи хонача дароз кашиду хобаш бурд.

... Симои падару модар пеши назараш омад. Ҳар ду дар палатаи бемористон. Модар дар кат хоб. Рангаш заъфарон. Чашмонаш пӯшида, нафаскашиаш суст. Падар хилъати сафед ба китфаш партофтагӣ, дар гӯшаи кати модар нишаста дастони ӯро мемолад, абрувонашро сила мекунад, ки чашм кушо. Чашмони модар базӯр нимбоз мешаванд, ба атроф бо умед менигаранд, касеро меҷӯянд. Овози гиряомези модар ба гӯш мерасад, садояш ларзон, хаста.

– Собир наомад? – мепурсад модар.

– Меояд, ҳозир меояд, хавотир нашав, – ӯро осуда мекунад падар.

– Писаратон бераҳм шудааст, – шиква мекунад модар, – як ҳафта боз надидаам. Намедонам бачекам куҷо шуду чӣ ҳол дорад. Саломатиам нағз не, дардам сахт, агар мурда монам, ба ҳасрат меравам, дидор ба қиёмат мемонад. Бе модар аҳволаш чӣ мешавад.

– Худата бой нате, – тасаллӣ медиҳад падар, – умедам аз ту калон, писаракамонро хор шудан намон, калон кун, ба қатори мардум дарор.

– Орзуи ман ҳам ҳамин. Лекин метарсам, ки дида ба дидор нарасида мемонад. Дареғо, ҷигарбандамро надида меравам...

– Не, очаҷон!... Ин тавр нагӯед!... Намуред!... – фарёд зада, аз овози худаш тарсида бедор шуд Собир. Падару модараш дар як они воҳид ғайб заданд. Ҳайрон монд. Чашмонаш пури ашки сӯзон, аз гиря ҳикак ба банди дилаш нишаста, китфони лоғараш меларзиданд. Нигоҳи ҳайрони писарак ба мӯйсафед дӯхта шуд. Вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯё тамоми дарду асрори Собирро фаҳмида бошад, ба гӯшаи диван нишаста меҳрубонона сари ӯро сила кард:

– Модаратро хоб дидӣ? – пурсид мӯйсафед.

– Ҳа, бобо, – базӯр ҷавоб дод Собир. – Падарамро ҳам... Он кас вафот кардагӣ.

– Афсӯс, – ҳамдардӣ кард мӯйсафед. – Умраш кӯтоҳ будааст. Акнун модаратро эҳтиёт кун.

Собир зери бориони хиҷолат сархам менишаст. Гумон кард, ки рафтори ӯро мӯйсафед пурра медонаду ҳамин ҳоло мисли он ҳамсоязанак хуб маломат мекунад. Майлаш, ӯ ҳоло ба ҳама гуна таънаю мазаммат сазовор аст. Лекин пирамард чизе нагуфт.

Ҳанӯз соат ҳашт нашуда, равуои духтурон сар шуд. Беморони сари по ҳам ба ҳавои тоза мебаромаданд. Собир дар байни онҳо модарашро надида, хавотиромез тарафи посбон нигарист.

– Сабр кун, – гуфт мӯйсафед, – ҳозир сардухтур меояд, худам бо ӯ гапзанон карда, барои ту рухсат мегирам. Ана баъд назди модарҷонат меравӣ. Хуб?

– Раҳмат, бобоҷон, – хурсандӣ изҳор кард ӯ.

* * *

Сардухтур иҷозат доду ҳамшираи шафқат ба китфи Собир хилъати сафед партофта, ӯро ба палатаи бистум бурд. Пешакӣ огоҳ кард, ки модарашро сахт ба ҳаяҷон наорад, эҳтиёт карда гап занад. Касалии дил ҳазл не. Ва ӯ Собирро дар роҳрав нигоҳ дошта, худаш назди бемор даромад. Ӯро гӯё ба ин мулоқот тайёр намуд, хабар дод, ки писараш омадааст, сардухтур ба ду дақиқа рухсат дод. Сипас берун баромаду Собирро ба палата даровард. Модар ба ҳамон сурате намуд, ки ӯ шаб дар хобаш дида буд. Ӯ дастонашро ба ду тараф ёзонда, ним-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хез шуданӣ буд, ки натавонист. Собир бошад, «Очаҷон, мана бахшед» гуфта назди кати модар ба зону нишаста ӯро оғӯш кард:

– Модаракам, ҷону дилакам, – мегуфт якзайл.

Модар аз шодии дидор чизе гуфта натавонист.

Қатраҳои гарми ашки модару писар ба ҳам омехта, рухсораҳоро тар карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЛОНАИ ПАРАСТУ

Баҳор омад. Ҳаво нарму ҳаловатбахш шуд, майсаҳо расиданд, дарахтон гул карданд, оби ҷӯйборҳо дамид, дашту даман ҷомаи сабзи пургул пӯшиданд. Парастуҳои ба кишварҳои гарм сафаркарда боз омаданд.

Рӯзе як ҷуфт парасту – дар китоби дарсии мо фароштурук навиштагӣ – парида ба айвони хонаи мо омаданд. Чанд бор давр заданд, дар ду-се ҷои кунҷаки он нишаста хестанд. Намедонам, дафъаи чандум бошад, омаданду ҳар ду сари мехе, ки барои ягон чиз овехтан зада будем, нишастанд. Муддате бо ҳам ғуҷур-ғуҷур карданд, маслиҳаташон пухт магар, ки баробар парида рафтанд. Агар забонашонро медонистам, ҳамаи гапҳояшонро батафсил тарҷума мекардам. Ба назарам, онҳо машварат карда ба як хулоса омаданд, ки ҳамин ҷо лона сохтан мумкин аст.

Ривоят мекунанд, ки парасту паррандаи бисёр зирак, хайрхоҳу беозор аст ва ба одамон бовар дорад. Барои ҳамин дар паноҳи одамон лона мегузораду осуда мегардад. Сабаб ин аст, ки гӯё замоне занбӯр хидматгори содиқи шоҳи морон будааст. Шоҳ ба занбӯр амр кардааст, то хабар диҳад, ки дар ҷаҳон гӯшти кадом ҷонзод ширинтар аст. Занбӯр аз гӯшти кулли ҷонзодҳо чашида, гӯшти одамизодро аз ҳама ширинтар дарёфтааст. Парасту ин азми занбӯрро пай бурда, пеш аз ба шоҳ хабар доданаш забони онро канда гирифтааст, ки ширинии гӯшти инсонро гуфта натавонад. Вақте занбӯр назди шоҳ омада фақат ғунгос мезанаду чизе гуфта наметавонад, мор парастуро ҷеғ мезанад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ӯ чӣ мегӯяд?

Парасту ҷавоб медиҳад:

– Ӯ мегӯяд, ки дар ҷаҳон гӯшти аз ҳама ширин гӯшти қурбоққа аст.

Ин дам занбӯр бетоқат шуда, норозиёна эътироз карданӣ мешавад, ки шоҳи морон аз ҷавоби парасту шубҳа карда, ба ӯ даҳон меандозад. Парасту чолокона мепараду даҳони мор ба думи ӯ расида чанд парашро канда мегирад... Мегӯянд, ки қайчишакл будани думи парасту аз ҳамон замонҳост ва ғунгоси занбӯр то имрӯз асари ҳамон безабонист, ки парасту канда буд.

... Онҳо рафтанду пас аз чанд дақиқа боз омаданд. Дар минқорашон чизе оварданд магар, ки хеле ба девор моломол намуда боз париданд. Рафтуомадашон акнун бештару тезтар гашт. То бегоҳ аллакай тарҳи девори гирдае пайдо шуд.

Боз чанд рӯзи дигар гузашт. Як лонаи зебои нимдоираи вурудгоҳаш дарозрӯя бунёд шуд. Дарашро танг карданд, фақат як парасту меғунҷиду бас. Акнун соҳиблонаҳо хасу пахта ва ҳар гуна чизҳои нарм ҷамъ карданд. Корашон буд шуду ба шодии манзили нав гӯё базм оростанд, чанд ҷуфти дигар дар атрофашон парвоз карда мегаштанд, ба муборакбодӣ меомаданд. Ҷуфт-ҷуфт, минқор ба минқор монда, ғуҷур-ғуҷур ба забони худ гап мезаданд, гӯё табрик мекарданду лонаи бахосият шавад мегуфтанд. Соҳиблонаҳо ба манзили худ зуд-зуд даробаро карда, чун мизбон ба меҳмонон хурсандии худро изҳор мекарданд. Ман ҳам хурсанд шудам, ки онҳо дар ин ҷо чӯҷа бароварда калону парранчак мекунанд, ин мурғони одамдӯст бори нахуст бол кушода, аз айвони мо ба парвоз меоянд. Ин фоли нек аст, гуфтанд модарам ва дуо карданд, ки манзили ҳамин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷонваракони беозор бахосият шавад. Онҳо хайрхоҳии модарамро фаҳмиданд, ба назарам, ки якҷоя ба фазо парвоз карда, хаму рост шуда хуб рақсиданду ба лонаашон ворид шуданд ва чанд муддат аз он берун наомаданд.

Ман ногоҳ касал шуда мондам, муддате дар беморхона будам. Ҳар рӯз модарамро аз аҳволи парастуҳо мепурсидам.

– Нағз, – мегуфтанду гапро кӯтоҳ мекарданд. Ба назарам, ким-чизеро аз ман пинҳон медоштанд. Таги ин ниҳондориҳои модарамро баъди аз беморхона баромадан фаҳмидам. Ба хонаамон омадаму бо дили хавотир рост ба айвон баромадам (хонаи мо дар ошёнаи дуюм аст). Манзараи аҷиберо дидам ва хеле зиқ шудам. Бинам, соҳиблонаҳо дар изтироб, чор тараф паропар дованду ба манзили бо орзую ҳавас сохтаашон даромада наметавонанд. Болои сари ман давр мезананду гӯё ғуҷур-ғуҷур карда, имдод хоста боз ба дари лонаашон меоянд, даромада натавониста қафо мепаранд. Ман гумон кардам, ки ба лона мор даромада тухм ё чӯҷаашонро хӯрдаасту парастуҳо гиряву нола доранд. Қаҳрам омад, дилам ба мурғакон сӯхт, ходаеро гирифта, ба нӯгаш сими каҷаке баста назди лона омадам, ки ғаддорро ҷазо диҳам.

Аҷабо! Дурусттар нигарам, мор набудааст, аз лона каллаву минқори гунҷишк намоён шуд. Ба ҳимоя омадани маро пай бурда парастуҳо ба даҳони лонаашон омаданд. Аз даруни лона каллаи гунҷишк берун шуду соҳиблонаҳоро сахт нӯл зада гурезонд ва қафонокӣ худро дарун кашид.

Ман аз қаҳр ва ҳайрат чӣ кор карданамро надониста, модарамро ҷеғ задам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Оча!

– Чӣ гап, бачем? – худашонро ба нодонӣ зада омаданд модарам. Аслан, таги гапро медонистаанду ба ман сир намедоданд.

– Чаро гунҷишкҳоро зада пеш накардед?

– Ман ҳам бехабар мондам, бачем, – гуфтанд модарам узрхоҳона. – Мефаҳмидам, магар мемондам, ки ин duздон ба лонаи тайёри парастуҳо даромада гиранду соҳибонашонро ноумед кунанд?

– Ҳамин хел шуданаш мумкин-мӣ?

– Ҳар хел шуданаш мумкин, – гуфтанд модарам ва андешамандона илова карданд: – Дар ҷангал дасти зӯр боло. Маккору шаттоҳҳон ҳам бо ҳар роҳ ҳаққашонро мегиранд. Мегӯянд, ки мурғи ку-ку ҳеҷ гоҳ лона насохтааст, дар лонаи кадом паррандае рост ояд, тухм гузошта рафтан мегирад.

– Аҳмақ будааст. То ку-ку гуфта гаштана лона созаду чӯҷаҳояшро худаш бароварда калон кунад, намешавад?

Модарам ба маънои «чӣ донам» китф дарҳам кашиданд ва лаҳзае хомӯш ба лона нигариста гуфтанд:

– Гунҷишкон одатан худашон лона месозанд. Вале ин хел шаттоҳу беномусаш ҳам мешудааст. Инхелаҳо дар байни одамон ҳам ҳастанд, ки дидаю дониста хонаи дигареро вайрон мекунанд.

Беихтиёр худам ба хаёл рафта мондаам. Ду ҳамсинфам ба хотирам расиданд, ки ҳамроҳи модарашон дар хонаи бобояшон зиндагӣ мекунанду хонаи падарашонро як занаки сатанг соҳибӣ кардааст.

– Ҳар чӣ бошад, оча, ман гунҷишкҳоро бароварда пеш мекунам, – гуфта ходаи симдорамро сӯи лона боло бардоштам. Модарам зуд аз дастам доштанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

– Ҳай, ҳай, бачем, ин кора накун, убол аст.

– Соҳиби лонаро ноумед кардан убол нест?

– Албатта кори хуб нашуд, дилам ба парастуҳои ту месӯзад.

– Дилатон сӯзаду коре накунед, чӣ фоида?

– Дуруст, лекин ба гапи ман гӯш деҳ, бачем. Халқ як мақол дорад: «Даратро қулф куну ҳамсоятро дузд нагир». Фаҳмидӣ?

– Не.

– Мефаҳмонам. Дар ин ҳодиса худи парастуҳо гунаҳкор.

– Ҳам белона монанду ҳам худашон гунаҳкор?

– Ҳа. Кулли одамони нағз ҳам як соддагӣ доранд. Дилсофиашон гоҳо ба сари худашон бало мешавад. Чӣ хел гуфта мепурсӣ? Ҷавоб медиҳам. Дур намеравем, ҳамсояамонро мисол мегирем. Одами нағз, дилкушод, ба ҳама бовар кардан лозим, молатон ҳалол бошад, ҳамеша посбон дорад, гуфта ҳеҷ гоҳ дарашро қулф намекард. Рӯзе аз рӯзҳо аз кор омада хонаашро луб-луч дида, фиғонаш ба фалак баромад.

– Ин гап ба парастуҳо чӣ дахл дорад? – пурсидам аз модарам.

– Бисёр нағз дахл дорад, – гуфтанд модарам. – Агар ин мурғакони содаю беақлат ба навбат сайр мерафтанду яке доим дар лона меистод, ҳеҷ гоҳ гунҷишкон онро соҳибӣ карда наметавонистанд.

– Фаҳмидам, оча. Барои ҳамин гунҷишкҳои шаттоҳро зада пеш мекунам, лонаро ба соҳибонаш бармегардонам.

– Дер шуд, бачем, ҳозир ин корро кардан мумкин нест.

– Барои чӣ тарафи гунаҳгоронро мегиред?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Барои он ки гунҷишкон ҳам чӯҷа баровардаанд. Гӯш кун, садояшонро мешунавӣ?

Ман гӯш кардам, дар ҳақиқат садои пасти «чирт-чирт» ба гӯшам расид. Гапи модарам рост будааст.

– Ин чӯҷаяко гуноҳе надоранд. Мон, калон шаванд.

Ноилоҷ ходаи симдорро як сӯ партофта ба хона даромадам...

– Ман чӣ мехоҳам?

– Мехоҳам, ки аз касе ба касе озоре нарасад, манзилу маъвои ҳар кас ба худаш насиб кунад, зеро ки хушбахтӣ танҳо бо ватан будан аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МОДАРАМРО ПАЗМОН ШУДАМ

Як рӯз модарам нон мепухту ба ман фармуд, ки додарчаамро бозӣ доронда истам. Хайр гуфтаму аз дасташ дошта, кӯча баромадам, ки як гурӯҳ бачаҳои гузарамон футболбозӣ мекунанд. Беихтиёр ба бозӣ ҳамроҳ шуда рафтаам. Чанд соат гузашт, намедонам. Яке бинам, модарам бадқаҳр шуда тарафам меояд.

– Ҳа ҷавонмарг нашавӣ ту, сакалту, канӣ додарат?!

«Кор расво шуд», – аз дил гузарондам. – Охир ман...

– Намедонам, – оҳиста овоз баровардам.

Тарсидам, ки мабодо ягон ҳодиса шуда бошад. Додарчаам нав роҳгард шуда буд, кӣ медонад...

Ҳамин вақт як занак аз кӯчаи поён ӯро бардошта омад. Хурсанд шудам. Лекин он занак ба модарам чизе гуфту вай бадтар шӯрида рафт. Қариб буд, ки маро дар назди ҷӯраҳоям дошта занад. Гурехтам.

Падарам чӯпони колхоз буд. Чӯпонҳо ҳамин шабу рӯз молҳоро аз чӯл баргардонда дар доманаи кӯҳи деҳаамон мечаронданд. Ба маъракаи пашмтарошӣ тайёрӣ медиданд. Падарам як рӯз ба хонаамон омада, моро хабар гирифта, баъд ваъда дода буд, ки вақти таътили баҳорӣ худаш омада, маро ҳамроҳ мебараду ду-се рӯз тамошо медиҳад.

Имрӯз, ки аз модарам ранҷидам, хостам, худам назди падарам равам. Ҳоло вақти таътил буд. Худ ба худ мегуфтам: «Бигузор модарам маро хуб кофта, аз кардааш пушаймон шавад. То омада ба пешам гиря накунад, хона намеравам».

Падарам гуфта буд, ки моли онҳо дар Қирғизкӯтан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қарор гирифтааст. Ман он ҷо рафтагӣ. Аз қишлоқамон тахминан панҷ километр меомад. Ҳарчи бодо бод, меравам гуфтам, меравам.

Баробари аз деҳа баромадан ба димоғам бӯи алафҳои навдамида ва гулҳои рангоранг расид. Ҳама ҷо каб-кабуд, гулҳои хушранг ва шамоли форами баҳорон хаму рост шуда ҷавлон мезаданд. Чашми касро мебурданд. Эҳ, чӣ хел зебо баҳори деҳаи мо!

Сармасти тамошо аз чанд талу теппа гузаштанамро надониста мондам. Ба гӯшам маоси барраҳои ширмаст расид. Пай бурдам, ки рамаи падарам дар ҳамин атроф аст. Ба тарафи овоз рафтан гирифтам. Аз як теппа гузаштаму дидам, ки гӯсфандҳо ҳамроҳи баррачаҳои хушрӯякашон чарида гаштаанд. Баррачаҳои шӯху беқарор гирдогирди очаҳояшон давутоз мекарданд, гоҳ аз таги шиками очаҳояшон мегузаштанд, гоҳ дар атрофи онҳо ҷаҳида, бо ҳамдигар калаҷанг мекарданд. Чунон хандаовар, ки гӯё ширинкорони сирк ё дорбозҳоро тамошо мекарда бошӣ.

Ҳамин вақт ду саг аккос зада ба тарафам тохт. Аз он тараф овози падарам баромад, ки сагҳоро ҷанг карда, аз роҳ боздоштанӣ мешуд. Ман онҳоро шинохтам. Якеаш саги малла, ки ба рӯи ҳар ду чашмаш ба ҷои абрӯ танга барин ду холи калони сиёҳтоб дошт ва барои ҳамин мо вайро Чорчашм мегуфтем. Дигараш бачаи вай – саги сиёҳе буд, ки ҳанӯз тирамоҳ падарам дум ва гӯшҳояшро бурида, калта карда буд. Сагҳо ҳам наздик омада маро шинохтанд.

Чорчашм ва Калта гӯё меҳмонро пешвоз гирифта бошанд, маро аз ду тараф иҳота карда, назди падарам бурданд. Падарам бағал кушода маро пешвоз гирифту баъд аз чизе хавотир шудагӣ барин пурсид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хӯш, Сироҷ, барои чӣ танҳо омадӣ?

Ман ба саволи падарам чизе гуфта натавонистам.

– Чаро ҷавоб намедиҳӣ? – дубора пурсид ӯ. Ё модарат катӣ ҷанг карда омадӣ?

Ин дафъа гапи падарам дигархелтар садо дод.

Сарамро хам кардам. Падарам фаҳмид.

– Нағз накардӣ, писарам, Модарат хавотир мешавад. Камтар тамошо куну гашта хона рав.

– Не, намеравам! – ба рӯи падарам нигоҳ накарда гуфтам.

Падарам баҳсро як сӯ монда аз дигар боз гап кушод.

– Таътилат чанд рӯзи дигар монд?

– Панҷ рӯз.

Падарам, ки аслан гапи бисёрро дӯст намедошт, дигар ба ман ҳеҷ чиз нагуфт ва ёрдамчиашро ҷеғ зад.

– Ордамон кам мондагӣ, – гуфт ӯ. – Қишлоқ раву пагоҳ орду майда-чуйда гирифта биёр. Як сари қадам ба хонаи мо даромада...

Давоми гапашро нафаҳмидам. Ба фикрам, таъйин намуд, ки модарамро огоҳ кунад, то ки аз ман хавотир нашавад.

Шаби дуюм ба рама якбора се гург ҳуҷум кард. Гӯсфанду барраҳои бечора аз тарс худро ба ҳар тараф мезаданд. Падараму ёрдамчиаш милтиқу таёқ дар даст бо овози баланд ҳой-ҳой гуфта тир парронда, гургҳоро пеш мекарданд. Калтаю Чорчашм аз ҳама серташвиш буданд. Ман ҳам аз падарам ҷудо нашуда таёқчае дар даст аз дунболи ӯ ба чор тараф метохтам.

Хуллас, гургҳоро аз рама баровардем. Чорчашм ва Калта онҳоро пеш карда, аз чанд теппа гузаронданд. Тақрибан ним соат гузашта буд, ки Чорчашм танҳо баргашта омад. Аз Калта ҳанӯз дарак набуд. Чорчашм



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо хавотир атрофи рамаи аз нав ҷамъшударо давр зада баромаду ҳамон замон ба тарафи роҳе, ки гургҳо гурехта рафта буданд, тохт.

Шаби дароз падараму ёрдамчиаш мижа таҳ накарда, гирдогирди рама қадам зада баромаданд. Аз Калта ва Чорчашм ҳанӯз дарак набуд.

Саҳарӣ гӯсфандҳоро чаронда, оҳиста-оҳиста аз ду теппа гузаштем. Падарам хавотир буд. Ҳар дам сагҳоро ном бурда, бо овози баланд ҷеғ мезад. Вале фақат аз кӯҳ акси садо мебаромад. Аз як теппаи дигар гузаштем. Боз падарам ҷеғ зад. Ин дафъа аз поёни дара уллоскашии Чорчашм шунида шуд. Падарам давид, ман ҳам аз қафои ӯ. Чорчашм ба шикам хобида буду дар пешаш мурдаи пора-порашудаи Калта меистод. Вай паст-паст инг-инг карда ва пас бо овози баланд уллос мекашид. Ман бори аввал дидам, ки саг ҳам одам барин мегиристааст. Падарам назди он ҳарду нишаст, дудаста пешониашро дошта дуру дароз ба ҷасади Калта ва ҳолати дилрешкунандаи Чорчашм нигоҳ карда монд. Баъди хеле сукут ба ман фармуд, ки хӯроки барои онҳо овардаамро назди саг гузорам. Чорчашм ба хӯрок ҳатто нимнигоҳ ҳам накард.

Падарам чуқурие кофта хост Калтаро он ҷо гӯронад. Аммо Чорчашм аз мақсади ӯ пай бурдагӣ барин, наздик омадан намонд. Падарам боз хеле фикр кард ва ниҳоят чилбурчаи миёнашро кушод, ба гардани Чорчашм басту қафотар бурда, нӯги чилбурро ба дасти ман дод. «Маҳкам дор» гуфту худаш Калтаро гӯронд.

Баъд Чорчашмро маҷбуран кашола карда, сари мол рафтем. Шаб Чорчашмро баста мондем. Ними шаб безобита шуда, худро бардорузан кардан гирифт ва ниҳоят ресмонро хоида канду ба тарафи бачааш равон шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯзи дигар қариби чоштгоҳ мо боз рамаро чаронда, ба ҷои дирӯза рафтем ва шоҳиди манзараи ғамангезе гардидем. Рӯи Калта луч буд, Чорчашм ба рӯи ҷасади Калта, гӯё ӯро оғӯш мекарда бошад, парӯ мехобид. Падарам ҳарчанд номашро гирифта ҷеғ зад, аммо Чорчашм наҷунбид. Вай мурда буд.

Ман тоқат карда натавониста:

– Дада, – гуфтам оҳиста, овозам ларзид. Дар чашмонам ашк чарх зад. – Дада, – боз такрор кардам, – ман хона меравам, модарамро пазмон шудам...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ХӮШАИ ГАНДУМ
## *(повест)*

### 1

Зор монад ин ҷанг. Агар хамин фалокат намешуду ҳамаи йигитҳои кӯҳро талкон мекардагӣ ба ҷанг намерафтанд, оё имрӯз Самандару Дилшод барин бачаҳои аз даҳонашон бӯйи шир меомадагӣ ҷуфтгару даравгар мешуданд? Ана, боз имрӯз хирманкӯб ҳам шуданд.

Чӣ илоҷ...

«Одамизод – гавҳари қобил» гуфтани пирони рӯзгордида бегап набудааст. Мегӯянд, ки агар ба сараш афтаду азм кунад, кӯҳу дарёҳоро чаппа мекунад. Чӣ ҷойи шубҳа!

...Чанд рӯз пеш, вақте ки раиси колхоз Ёдгор-амаки якдаста дар тамузи тобистон назди даравгарҳои Сафедкӯҳтар омад, дар қиёфааш аломати ғамгинӣ ҳис карда мешуд. Хеле коҳида буд. Қавоқҳояш овезон, гӯё кайҳо боз лабонаш табассум надидаанд. Қоматаш хам шуда буд. Баъди салому ҳолпурсӣ ӯ хабар дод, ки аз бригадаи якум ду хирманкӯб повестка гирифтанд, фардо ба аскарӣ мераванд.

Ин хабар ба даравгарон ҳам беасар намонд. Охир, онҳо дар бригада охирин ду ҷавоне буданд, ки нав ҳаждаҳро пур кардаанд. Мардҳои солхӯрда ҳам ба баталёни коргарӣ рафта буданд. Дар беша оташ афтад, тару хушк намегӯяд. Аз рамузи гап маълум гашт, ки Расул-бобо танҳо мондаасту раис ба ҷойи он ду ҷавони хирманкӯб одам мекобад. Лекин дар байни даравгарон аз ҷинси мардина факат чанд мӯйсафеду бачаҳои дувоздаҳ-сенздаҳсола ба назараш расиданд. Як муддат ба чеҳраҳои офтобхӯрдаю ғамолуди онхо нигарист ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нохост чашмаш ба Дилшод афтод, ки дар пахлӯи модараш бандина тофта, муштаҳои парешони гандумро ҷамъ карда, банд мебаст.

– Дилшод, ин ҷо биё.

Писараки лоғарандоми хурдҷусса наздик омад ва калонсолон барин даст дода, бо раис вохӯрдӣ карду дар рӯ ба рӯяш истод. Худро дар назди ин марди болобаланду хузарб чунон хурду назарногир ҳис кард, ки ниҳолаки нозуки шафати дарахти азимеро мемонд. Ёдгор-амак ин ҳолати ӯро пай бурда, даст ба китфаш ниҳод ва, аз афташ, бо дасти дигар сарашро сила карда «бӯзбала шудай» гуфтанӣ буд, ки якбора бозистод. Мазмун, якдаста буданаш ба хотираш расиду хиҷолат кашид. Ҳолаташро ниҳон дошта пурсид:

– Ба чанд даромадӣ, Дилшод?

– Ба сенздаҳ қадам монд, – ба чойи ӯ ҷавоб дод модараш. – Синфи шашумро тамом кард.

– Бисёр нағз, – гуфт раис ва гӯё батадриҷ сирреро фош мекарда бошад, Дилшодро саволборон кардан гирифт.

– Падарат то ба ҷанг рафтанаш човандозӣ мекард. Ҳамин тавр не?

– Ҳа, Ҷирани худамон катӣ.

– Аспаш ҳам кирои орзую ҳавас. Гуфтагӣ барин, ту хам, ба назарам, аспҳоро дӯст медорӣ-а? – пурсид Ёдгор-амак.

– Набошад-чӣ?

– Боракалло. Ин тавр бошад, хирманкӯб мешавӣ?

«Ана гап дар кучо будааст».

– Намедонам.

– Ҷирани падарат хамон ҷо. Худат нигохубин мекунӣ. Чӣ гуфтӣ? Дилшод ба модараш нигарист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Соҷида, ки ҷавонзани ситорагарми тақрибан сиюпанҷсолае буду досро ба банди дасташ ҳалқа карда рост меистод, ба нигоҳи саволомези писарашу раис чӣ гуфтанашро надониста ҳайрон монд.

Раис дубора ба ӯ муроҷиат кард.

– Намедонам, ако, – нобоварона чавоб дод Соҷида. – Дилшод ҳоло кӯдак, аспро чӣ медонад? Асп катӣ хирманкӯбӣ осон аст?

– Осон не, албатта. Лекин даркор, – гуфт раис. – Гумон мекунӣ, ба мӯйсафедони шаст-ҳафтодсола гандумдаравӣ осон? Ба кампири Роҳила нигох кун, раҳми кас меояд. Қоматаш хам, базӯр роҳ мегардаду ҷойи писаракам холӣ намонад гуфта, аз саҳар то бегоҳ сабзию пиёз хишова мекунад.

Даравгарон гоҳ ба Соҷидаю Дилшод ва гоҳ ба раис менигаристанд. Гапи раис ба ҷойи нозуки дили онҳо расида гузашт. Ҳама интизори ҷавоб. Боз худи Ёдгор-амак гапашро давом дод:

– Не нагӯ, хоҳарам. Мон равад, ба ҷойи падараш.

«Ба ҷойи падараш» гуфтани Ёдгор-амак дар дили модару писар як эҳсоси гуворое бедор кард. «Ба ҷойи падараш...»

– Майлаш, – бо як ҷиддияти калонсолона гуфт Дилшод ва ба модараш нигарист. – Майлаш, оча, розӣ шавед. Ба ҷойи падарам кор мекунам.

– Хайр, – дар қиёфаи модар осори боварӣ ва ифтихор ҳувайдо гардид.

– Офарин, ҷиянам, – хурсанд шуд раис. – Ин гапи дигар. Акнун ба ту ҳамроҳ даркор. Боз як кас.

– Самандарро гӯед-чӣ?

– Писари Искандари аспбон?

– Ҳа. Вай ба синфи ҳафтум гузашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Медонам. Падараш барин ба асп ишқбоз.

– Рафта чеғ занам? Вай дар адири боло гандум медаравад.

– Не, худам ҳамон тараф рафта истодаам. Мегӯям.

Ёдгор-амак якдаста аз қоши зин дошта, пояшро ба рикоб андохту бо як ҷаҳиш худро рӯйи асп гирифт. Асп сӯи адири боло роҳӣ шуд. Дилшоду модараш муштаҳои даравидаашонро банд баста, ғарам карданду дар сояи он ба нонхӯрак нишастанд.

**2**

Расул-бобо хирманкӯби касбӣ аст. Вай як марди сиёҳчурдаи қоматбаландест, ки бо вуҷуди ба чое расидани синнусолаш, хеле бардам ва нисбат ба раис ҷавонтар менамояд. У панҷшоха дар даст зери офтоби сӯзон гирдогирди хирман давр зада, коҳу муштаҳои титу парешонкардаи аспҳоро ғун мекард. Саллаи нимдошти сараш, риши сиёҳи мошубиринҷ, ки аз резакоҳ ранги зарди сафедчатобе гирифта буд ва куртаи тики рах-рахи ҷиҳакдори аз арақи бадану чанги хирман шӯшабастааш ӯро ба як дарвеши бесару сомоне монанд карда буданд, ки дар дашти хоктӯдае зери гирдбоди сахт мондаасту пас аз афту дарафти зиёд нав ҷон ба саломат бурдааст. Вай гоҳ-гоҳ аз кор бозистода, ба панҷшохааш такя карда, андешамандона ба гардиши аспҳо менигарад, ки онҳо гирди яккамехи миёнаҷои пай давр мезананд. Ба назараш замин гирди меҳвари худ дар гардиш асту сараш чарх мезанад.

Аспи тӯруқи сараву ба кор омил вали аз хасу коҳ вазнингирифтаро кашола карда, аз қафои даҳ аспи паҳлӯи ҳам ҳӯб баста пеш меравад. Бар зини аспи вал-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

каш Самандар нишаста, бо овози маҳини нав дупӯсташудааш дубайтиҳои халқиро замзама мекард:

*Гандумаки худрӯй дарав мекардам,*
*Ман ноза ба бозуи падар мекардам.*
*Локии калона дар миёнам бандам,*
*Мехри падарам куҷо, ки беғам гардам.*

*Дӯлона ба рӯйи ёла навча-навча,*
*Аскарҳои рафтагӣ ҳамешон бача.*
*Савораи аспанду вале ғамноканд,*
*Чашмони арӯсакон ҳама намноканд.*

Самандар ҳар банди сурудашро бо нақароти таронаҳои анъанавии хирманкӯбон фуровард мекард.

*Майдаё, майдаё,*
*Майда кунед, майдаё.*
*Дар таги пом майдаё,*
*Гул бирезад, майдаё.*
*Ҳӯб-ҳӯб-ҳӯб,*
*Майда-майда кӯб...*

Расул-бобо дар ҳамон ҳолате, ки ғарқи андеша ба суруди Самандар гӯш мекард, ба ҳайкали аз санги хорои тирафом тарошидае монанд буд, ки гӯё чандин аср боз дар ҳамин ҷо истодааст. Ба тамкину бурдбории ин мард нигариста, кас гумон мекунад, ки ӯ тамоми ғами замонро дар худ фурӯ бурдаасту вой намегӯяд.

Дилшод дар сояи чайла нишаста, ҳамаи ин манзараро аз назари кӯдакона, ба фаҳми худ бармекашид. Меҳнатдӯстии ӯро медиду фикр мекард, ки ин марди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

синнаш ба шаст наздик эҳтимол ба ҷойи се кас кор карданист. Ба ҷойи худаш ва ду писараш. Баъзан муддатҳои мадид ба андеша мерафт, шояд дар ҳаққи фарзандонаш ва тамоми сарбозон дуои хайр мекард, ки душманро торумор карда, қатори ҳама соқу саломат баргарданд.

Падарони Дилшоду Самандар хам ханӯз соли чилу якум, мисли ин ду ҷавони хирманкӯб, ки дирӯзакак корашонро нимкола партофта, ба аскарӣ рафтанд, дарави гандумро ба охир нарасонда, фарзандонашонро дар панохи модарони муштипар монда, ба ҷанг рафта буданд. Модарон ҳасрат карда, оби чашм рехта мегуфтанд. ки «акнун шумо сардори оила ва пуштибони додару хоҳарҳоятон ҳастед». Ёдгор-амак ҳам дирӯз гуфт, ки «шумо минбаъд кӯдаки хокбоз нестед. Бояд корҳои чаламондаи падаронатонро давом диҳед».

Гапаш маъқул. Дар шаҳрҳо ҳам ҳамсолони онҳо дастгоҳҳои калон-калони заводу фабрикаҳои падаронашон кор мекардагиро идора мекарданд. Барои фронт яроқу аслиҳа мебароварданд, ки падаронашон бо онҳо душмани хунхорро зада несту нобуд кунанд.

Офарин, қандашона хӯранд! Лекин онҳо гумон накунанд, ки бачаҳои қишлоқ аз онҳо каманд. Онҳо ҳам дар колхоз ба ҷойи падаронашон кор мекунанд. Охир, ақибгоҳ ҳам фронт аст-ку!...

Самандар дар рӯи зини тӯруқи валкаш лангар хӯрда, ҳоло ҳам суруд мехонд. Расул-бобо ҳам вали аз рӯйи коҳи маҳин ба канор ғеҷидаро даруntари пай тела дода, ба Самандар таъкид мекард, ки валкаш берун наравад. Ӯ ҳам ҷилави аспро чаптар мегирифту қамчини дарозашро оҳиста ба сағрии аспҳои қатор мерасонд.

– Чу, ҷонварҳо!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аспҳо ҳам гӯё аз хоби гарон бедор шуда бошанд, якбора сарҳояшонро боло бардошта, ба лӯкка медаромаданд.

– Боракалло, Самандар, – ӯро таъриф мекард Расул-бобо. – Ин лавандҳоро ба ихтиёри худашон монӣ, ба пойҳояшон ҳино мебанданд.

Самандар тарафи ӯ қаноатмандона як табассум карду қамчинашро болои сари аспҳо алвонҷ дод. Ӯ аспҳоро намезад, дилаш намешуд. Ҳар вақте ки онҳо коҳилӣ мекарданд, қамчинашро болои сарашон як алвонҷ дода, сиёсат мекарду бас. «Бечораҳоро гардан ба гардан баста, ғуломвор тамоми рӯз дар офтоби тамуз то зонуяшон ба паяи гандум ғӯтонда гирд гардонию боз қамчинкӯб кунӣ. Не, ин аз рӯйи инсоф не».

Се хирмани то имрӯз кӯфтаашон ҳанӯз аз бод набаромада буд. Шамол нест. Дар як рӯз гоҳ-гоҳ аз куҷое як нафас боди нимҷоне мевазаду дами одами сулфа барин ба дарун мезанад. Бо вуҷуди ин, панҷ-шаш мӯйсафед дарҳол панҷшохаҳоро бардошта, аз ду тараф коҳи пурдонро парто-парто мекунад, вале бефоида. Боз ноилоҷ панҷшохаҳоро рӯйи чош халонда, ба таги чайла медаванд.

Офтоб ба болои сарҳо рост шуда, чунон тасфид, ки гӯё ҳама мавҷудоти оламро сӯхта хокистар кардан мехост. Дар ин ҳолат кор кардан ҳам ба одам ва ҳам ба ин ҷонварҳои безабон ҷабр буд. Барои ҳамин мисли ҳаррӯза, аспҳоро сар дода ба шибарзорҳои салқинтар, ба лаби дарё ҳай карда дам додан лозим буд. То гашти рӯз тасфи ҳаво пасттар мешуд ва одамону аспҳо ҳам каме ба худ омада, дастҷамътар кор мекарданд.

Расул-бобо аспҳоро аз гардани якдигар раҳо кард. Валкашро ҳам аз бори гарон озод намуда, нӯки ресмо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ни як тойи сиёҳи ҳанӯз суворӣ нашударо ба дасти Самандар дод. Ба ҷирани қашқа Дилшод савор шуд.Ҷиран аспи падари Дилшод буд. Вай пеш аз ба ҷанг рафтанаш одами нигоҳубин мекардагӣ нест гуфта, аспро ба колхоз супурда буд.

– Шумоён аспҳоро об дода, дар шибар сер карда, гашти пешин биёетон, – гуфт Расул-бобо. – Мо ҳамин ҷо роҳи шамолро поида меистем. Сабил ногаҳон меояд.

– Майлаш, аспҳоро худамон саришта мекунем, – гуфтанд онҳо. – Шумо гандумро аз бод бароред, шуд.

Расул-бобо маънидор чашмак заду табассум кард. Гӯё гуфтанӣ буд, ки «худатон ҳам хуб дар об ғел зада гиред».

Тӯруқ ба шодии аз вал халос шуданаш бошад, ё бисёр ташна монда буд, ки бо андак ишораи Самандар сӯйи дарё йӯрға гирифт. Ҷирани Дилшод ҳам сарашро болою поён ҷунбонда, аз паси тӯруқ ва ҳамроҳонаш ба роҳ даромад.

Дар урфият мегӯянд, ки қадри обро ташнагон медонанд. Бечора аспҳо ҳар қадар ба об наздик мешуданд, хамон қадар пой тез мекарданд. Дигар ҳоҷати онҳоро қамчин задан набуд, худашон дартоз шуданд ва худро ба аввалин наҳр зада, фукашонро ба оби сард дароварда. шикамсерӣ об нӯшиданд ва баъд сарҳояшонро қаноатмандона боло бардошта, нафаси чуқуре гирифтанд. Ба назар чунин мерасид, ки онҳо мисли мӯйсафедони ташнагишикаста ба об шукрона мегуфтанд.

Тойи сиёҳи хомфарбеҳи навкор, ки нӯки ресмони нӯхтааш дар дасти Самандар буд, аз сардии об ҳаловат бурда,¸ ба миёнаи наҳр даромад ва ба он ҳам қаноат накарда, худашро таппӣ ба об партофта ғел зад. Дилшод ба Самандар нигарист, вай маънии нигоҳи ӯро фаҳмид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Мон, хуб ғел зада, хунук шуда гирад.

– Сӯлуқ шудааст, ҷонвар.

Дили Самандар ба той сӯхт. Вай мисли бачаҳои нозпарвари шаҳрӣ буд, ки ба кори сахти саҳро ва ин гармои саратон тоб надоранд. Ниҳоят, Ҷирани Дилшод аз ин эркагии той ғашаш омад магар, ки шиҳа кашида ба об ду-се бор норозиёна сум зад. Той саросема хест ва Самандар ресмони онро кашида, аспашро пеш ҳай карда, аз наҳр гузашт. Дигар аспҳо ҳам аз қафои ӯ тарафи шибари домани дарёбод роҳӣ шуданд. Дилшод аз қафо ҳаёҳу бардошта, онҳоро шитоб мекунонд, ки мабодо ба палҳои юнучқаи каб-кабуд ҳавасашон омада дароянд.

Аспҳо дар як они воҳид дар шибарзор ҷойҳои сералафро ёфта, ҳарисона ба чаридан сар карданд. Лекин ҷӯраҳо аз ин шуғли онҳо чандон осуда набуданд. Фиреб доданашон ҳам мумкин. Дар пешашон одам бошад, худро мусичаи уволак барин тавре вонамуд мекунанд, ки гӯё аз ин ҷо беҳтар марғзоре барояшон нест ва умре аз ин гӯша дурӣ намеҷӯянд. Вале ҳамин ки андак даҳонялагӣ кардед ва пай бурданд, ки танҳову бесоҳиб монданд, худашонро ба чор тараф мезаданд. Яке ба миёнаҳои пали шолӣ медарояд, дигаре юнучқазорро соҳибӣ мекунад, дигарон хам ба худ ҷавлонгоҳ меёбанд. Ё худ, шикамашон ки сер шуд, гушнамастҳои ҳангоматалаб барин ба хар баҳона қад ба қад рост шуда, якдигарро газида хуншор мекунанду қӯшлагадҳои обдор ба биқини якдигар мефуроранд. Гурезогурезу суросур сар мсшавад. Ана баъд дору гир.

Ин феъли аспҳоро ҷӯраҳо нағз медонистанд. Барои ҳамин ресмону меххҳои дарозу оҳанинро аз хӯрҷин бароварда, ҳар кадомашонро алоҳида-алоҳида мех мекарданду баъд худашон дар сояи бед осуда дам мегириф-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

танд. Имрӯз ҳам чунин карданд. Вале ба тойи хомфарбеҳ дилашон сӯхт.

Ҳоло аз фарбеҳии пешинааш осоре намонда буд. Вале ба кор хом. Аз рӯзе, ки аввалин бор ба гарданаш ҳалқаи ресмонро диду бандӣ шуд, худро хеле коҳонд. Баҳудаю беҳуда худро ба ҳар тараф зада азоб медод. Намедонист, ки қисматаш ҳамин аст, дер ё зуд ба дасти одамизод афтида, ба ӯ хизмат карданаш даркор. Дар айлоқхои сералаф саланг-саланг ҷавлон заданро акнун хоб мебинӣ, нодон.

Вай як тойи гардандарозу зебое буд. Рангаш қатрон барин сип-сиёҳ. Пойҳои дароз-дарози бақувват дошт. Суми пойҳои пешаш то бучулак сафед. Дар пешониаш ҳам кафи дасти кӯдак барин қашқоие дошт, ки мисли холи ҳиндудухтарон як зеби фавқулоддае ба ӯ зам мекард.

Дилшоду Самандар аз ҳамин рӯз ба ӯ «Сиёҳмушкин» ном доданд.

Онҳо Сиёҳмушкинро ҳамроҳи дигар аспҳо дар офтоб не, балки ба сояи беди лаби ҷӯйбори сероб бурда бастанд. Самандар аз вотҳои шолӣ як бағал алафи кабкабуди тару тоза даравида овард. Сиёҳмушкин ба омадани ӯ интизор нашуда, худаш бо нози тамаъкорона шиҳа кашида, чанд қадам пеш рафт. Самандар алафро оҳиста наздаш гузошта, навозишкорона даст ба ёлу гарданаш расонданӣ буд, ки вай фуруққос зада, қафо рафт.

– Ҳай ноз кардӣ-дия, – андак коҳиш кард Самандар. – Ман туро хӯрданӣ не-ку. Дилам сухта, ба соя бастам, алаф овардам, баданатро хорумол кунам гуфтам. Нахоҳӣ не.

Самандар гӯё аз ягон ҷӯраи наздикаш ранҷида бо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

шад, худ ба худ ғур-ғуркунон ба рӯйи себаргаҳои лаби ҷӯй нишаста, пойҳояшро ба об дароз кард.

– Нағзия намедонад, ин ҳайвони безабон.

Дилшод ҳам аз рӯбарӯи Самандар пойҳояшро ба оби ҷӯй дароз карда нишасту ҳарду баробар миёнбандчаҳои рангпаридаашонро, ки дар онҳо модаронашон нимтоӣ нони ҷав печонда буданд, кушода рӯи сабзаю себаргаҳои лаби ҷӯй паҳн карданд. Дилшод ҳарду нимаи нонро ба об тар карда, рӯи миёнбанди Самандар гузошт ва миёнбанди худашро афшонда ба миёнаш баст. Ростӣ, хеле гурусна монда буданд, ки нонро пакқос хӯрданд, надонистанд, ки куҷо рафт. Самандар, ки бачаи шӯху ширинкоре буд, шикамашро ба як тарзи хандаовар молиш дода, ба таронахонӣ даромад:

*«Лабам гуфто, ки омад,*
*Даҳон гуфто: даромад.*
*Шикам гуфто: чӣ буд он,*
*Ки то поён наёмад?*
*Қур-қури қур мошоба,*
*Мошобаҷон мошоба...»*

Ин дам Сиёҳмушкин ҳам алафашро хӯрда, тамом карда, тарафи ҷӯраҳо нигоҳи умедворонае меафканд. Маълум, ки вай ҳам мисли онҳо сер нашудааст.

– Илоҷи шиками туро ёфтан осон, – аз ҷой хест Самандар. – Лекин вой бар ҳоли мо.

Бечора модарон гарди суфраҳоро афшонда, бачаҳояшонро базӯр аз зимистон баровар данд. Хайрият, тут пухту ризқу рӯзиашон аз шохи дарахтон баромад... Ҷаву ҷавдор ҳам шикамашонро нимсер карду тамом шуд... Чӣ хушбахтӣ, ки ҳоло хирмани гандум тай-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ёр мешавад. Соли гузашта ҳосил нашуд, нони серӣ нахӯрданд. Акнун даҳонашон ба нони гандум мерасад...

Сиёҳмушкин ба замин тук-тук сум зада, гӯё Самандарро сӯи худ мехонд.

– «Ҳа... Шикамат ки сер нашуд, тавалло мекунӣ», – гӯён ба асп шунавонда гуфт ӯ ва наздаш омада, ресмонашро кушоду этак карда, ба воти сералафе бурд. Худаш нӯги ресмонро дарозтар сар дода, дастӣ мечаронд. Сиёҳмушкин, ки ба нӯхтаю банд одат накарда буд, ҳар вақт чизи ноҳинҷореро ба сару рӯяш ҳис карда, дилтангона сахт сар меҷунбонду ноилоҷ аз алаф даҳон намеканд, ки мабодо аз ҳамин насибаш маҳрум гардад.

Бо дандонҳои тезаш шарт-шарт алаф канданҳои асп ба гӯши Самандар садои доси даравгаронро меовард. Ба хотир овард, ки ҳоло модараш ба рӯи хӯшаҳои мурғак рафта истодаи гандум хам шуда, ба ҷои худашу падараш дарав карда истодааст. «Бечора модаракам...»

Самандар дар наздаш бепарвоёна алафхӯрии аспи сурро дида, хурсанд шуд. Инро бинед, ки хамагӣ понздаҳ рӯз пеш онро аз гала дошта оварда буданд. Тан намедод, худро бардорузан мекард, вале маҷбурӣ ба сараш нӯхта заданд. Акнун озодию бесариро хоб мебинӣ, гуфтанд. Дар рӯзи сеюм ба хирман бастанд, боз тан надод. Намехост, ки дар мобайн бошаду аз ду тарафаш аспҳои дигар ӯро фишор диҳанд. Аз канор бастанд. Бисёр давидан, ҳатто аз дигархо бештар қамчин хӯрдан лозим меояд. Чӣ илоҷ? Аз он ки шикамҳои арақкардаи аспхои дигар аз ду тараф фишор дода ғашатро оранд, қамчин хӯрию бисер давӣ ҳам, андаке озод авлотар аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лекин хирманкӯбҳо мардуми аҷибанд: аз дилсӯзӣ бошад, ё ба андешае, ки аспҳоро ҳам ба ину ҳам ба он ҳолат одат кунонанд, онҳоро ҳар рӯз ҷой иваз мекунонанд. Яъне фишору тазъиқи атрофиёнатро ҳис накунӣ, ба қадри озодӣ намерасӣ.

Ҳоло бинед, ки бо дили пур дар назди Самандар баҳузур алаф хӯрда истодааст. Хавфе надорад, ки ҳоло ин бача ӯро савор шуданист. Гоҳ-гоҳ аз алафхӯрӣ боз-истода, сарашро бардошта ба Самандар менигарад, аз афташ бовар ҳосил мекунад, ки дар паноҳи одами ғамхор аст, боз осуда сарашро рӯи алафҳои каб-кабуди хушхӯр хам мекунад.

Самандар ҳам хурсанд шуд, ки хайрият, Сиёхмушкин ба ӯ одат карда истодааст. Фақат ба савор шудан тан намедиҳад. Чӣ бояд кард? Аслан ӯ медонист, ки аспҳои сувайтро саворӣ кардан кори ӯ нест. Кӯдак аст, ҳоло. Асп ӯро мисли лӯхтак бозӣ доронда, ҳаппак барин ба кучое мепартояду ҳолашро хароб мекунад. Лекин ӯ ҳеҷ намехост, ки Сиёҳмушкини нозанини ӯро Зиёбойи филҷусса саворӣ кунад. Дилаш намешуд. Зиёбой ба ҳар хел асп савор шавад, албатта, миёни он дуқат шуда мерафт. Зиёбой бисёр бераҳм аст. Худро, ки ба рӯи асп гирифт, пойҳои дарозашро ба таги шиками он зер карда, тамоми вазнашро партофта, ҷонварро ба тарафи кӯҳталу фароз рост мекард. Бечораи асп аз ҳарос мурданивор медавид ва ниҳоят ба обу арақ ғарк шуда, нафасаш гашта, лакот шуда аз дав мемонд. Ҳамин корашро Зиёбой чанд карат, то аспро пурра таслим кунонданаш, такрор мекард, ки баъди ин ҷонвар чанд рӯз ба худ намеомад ва дар охир ночор тан медоду халос.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ана, барои ҳамин ӯ бо Дилшод маслиҳат кард, ки Сиёҳмушкинро худашон саворӣ кунанд. Чӣ хел? Дилшод Ҷиранашро савор шуду Самандар Сиёҳмушкинро этак карда, ба ҷойи сустоби дарё оварданд. Дилшод аспашро то миёнаҳои об ҳай кард. Об аз таги дили асп болотар баромад. Ӯ ёлу гардан ва бадану пушти аспро шустан гирифт. Самандар ҳам Сиёҳмушкинро аз паси Ҷирани Дилшод ба даруни кӯл кашид. Вай итоаткорона рафтан гирифт. Самандар нӯки ресмони Сиёҳмушкинро ба Дилшод доду худаш оҳиста-оҳиста ба пушти он об пошидан гирифт. Вай аз чакраҳои сарди об қитиқаш омада, як ларзиду баъд ба Ҷиран нигоҳ карда истодан гирифт. Самандар оҳиставу боэҳтиёт ба гардани Сиёҳмушкин даст бурд. Вай бо гӯшаи чашм як нигоҳ карду ҳис намуд, ки ӯ қасди баде надорад, наҷунбида истод. Самандар кам-кам ба гарданаш об пошида молидан гирифт. Оҳиста-оҳиста таги ёлҳои бурида, буни гӯш ва сару рӯяшро хорумол ва обшӯй кард. Асп қитиқаш омада, бетоқат мешуду лекин намеҷунбид. Сонӣ дасти Самандар номаълумакак ба пештанаву биқини асп лағжида омад. Гӯё ба бадани асп ҳазорон мӯрчагон давиданд. Бетоқат шуд. Вале Самандар фурсатро ғанимат дониста, зуд-зуд об пошида бадани гарди каҳолуди аспро молидан гирифт. Сиёҳмушкин худашро ёзонда ҳаловат мебурд. Кӣ аз ин меҳрубонию навозиш рӯ мегардонад? Самандар овоз набароварда об мепошиду мемолид, эҳтиёт мекард, ки мабодо ғашашро ораду ӯ гурезад.

Ҷӯраҳо аспҳояшонро хуб шустанд. Ҷиран бахмали сурх барин ҷило медод. Сиёҳмушкин акнун худаш ба Самандар ҷафс мешуд, дигар ҳоҷати ресмону ёрдамчӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

набуд, худаш ҳеҷ куҷо намерафт. Дилшод ресмони нӯхтаи Сиёҳмушкинро ба гардани Ҷиран маҳкам баст. Лаҷом ки набуд, ӯ ба Самандар фармуд, ки чилбурчаи миёнашро кушода, аз ду тарафи нӯхтаи Сиёҳмушкин сахт бандад. Ҳоло ба сари ӯ лаҷом задан ҳам аз дасти онҳо намеомад. Ҳамин ба ҷои лаҷом.

Ҷӯраҳо маслиҳат карданд. Дилшод гуфт:

Ман Ҷиранро ба ҷои чуқуртар мебарам, ки ресмони Сиёҳмушкинро маҳкам нигоҳ дорад. Ту вайро хорумол карда, номаълум савор шав.

– Як кас мешуд, ки аз поям мебардошт.

– Худи об ёрдам мекунад. Андак ҳаракат кунӣ, мешавад.

– Ғалтонад-чӣ?

– Ғалтонад, об мебардорад. Пешонет намекафад-ку.

– Агар гирифта ба дарёбод гурезад, вой бар ҳоли ман.

– Ҷиран амакат намешавад. Кундаи ҷувоз аст, ҷунбонаду қандаша хӯрад. Фақат ту кулӯх барин ғелида наравӣ, шуд.

Дилшод аз шӯхиаш завқ карда худаш хандид.

Харчанг барин часпида мегирам, – ба ҳамон оҳанги ҳазли ҷӯрааш ҷавоб дод Самандар.

– Ғелида наравӣ, нағз. Хеле ҷастухез мекунад. Аз ин чуқурӣ куҷо ҳам меравад. Монда ки шуд, ноилоҷ тан медиҳад.

– Мумкин дар даруни дарё таслим шавад, лекин...

– ...берун бароядf, Самандарашро бодбарак мекунад – гапи ҷӯраашро бурида ҳазл кард Дилшод.

Самандар аз руи маслиҳаташон амал кард. Нӯки чилбурҷилаврo бо дасти чапаш як қабза ёлаш катӣ дош-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

та, ба дасти рост хорумол карда, бо як ҷаҳиш, гӯё касе озод бардошта бошад, худро рӯи асп гирифт. Қиёмат сар шуд. Сиёҳмушкин чунон шаттоҳӣ ва худро бардорузан кард, ки гӯё ӯро мекушта бошанд. Гоҳ ду пои пешашро чароғпоя карда рост мешуд, гоҳ пои қафояшро бардошта, обро лагадкорӣ мекард. Самандар ҳам, ба қавли худаш, харчанг барин часпида гирифта буду дандонҳояшро ба ҳам сахт фишурда, маҳкам аз чилбуру ёли асп медошт. Ба ростӣ, агар Ҷирани Дилшод намебуд, Сиёҳмушкин кайҳо алови сангҳои дарёбодро мебаровард. Дилшод Ҷиранашро ба ҷои чуқуртари сустоби дарё ҳай мекард ва Сиёҳмушкин ҳам худро бардорузан карда, ноилоҷ чуқуртар мерафт...

Офтоб гашт кард. Вақти ба сари хирман баргаштан расид. Дилшод аспҳоро кушода, меху ресмонҳои дарозро ба хӯрҷин андохта, ресмончаи нӯхтаи онҳоро ба гарданаш мебаст. Самандар бошад, Сиёҳмушкинро боз дар сояи бед баста, дастӣ алаф медод. Гӯё байни онҳо ҳеҷ воқеае нашуда бошад, чун ошноҳои дерина ба ҳам менигаристанд. Сиёҳмушкин бо иштиҳо саросема нашуда алаф мехӯрду Самандар бо табассум ба ӯ нигариста, меҳрубонона гӯё насиҳат мекард:

– Гарданшахӣ накун. Мо ғами туро мехӯрем. Агар ба мо сар нафурорӣ, бригадир туро ба дасти Зиёбой месупорад, ки он вақт дуд аз димоғат мебарояд.

Асп қабзаи алафи хӯрда истодаашро афшонда, калла мечунбонд, ки инро Самандар ба маънои ризоят фаҳмид. Хурсанд шуд ва ба ҷӯрааш хабар дод.

– Дилшод, Сиёҳмушкин розӣ шуд, хайр гуфт.

– Аз Зиёбой тарсондагистӣ?

– Набошад-чӣ, онета нишон медиҳад, гуфтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 3

Дар хирманҳои Санги Ӯғурак ҳама серкор буданд. Маълум, ки шамолаки дилхоҳе хестааст. Аллакай теппаҳои гумбазмонанди коҳ ба чоши гандум табдил ёфта буданд. Бодгарҳо чоши гандуми тилло барин суп-сурхи аз бод баромадаро бо бели чӯбину шохҷорӯб гирду ғун карда, коҳи ҷудошударо дуртар тела медоданд. Расул-бобо хушнудона бо дастаи панҷшохаи чӯбинаш гирди тӯби гандум хати мавҷдоре кашиду ба ҳамроҳонаш рӯ овард:

– Ана, миёни ҳосили навро бастем. Бобарака мешавад.

– Насиби сағиру кабир будааст, – гуфт каси дигар. – Ҳосили нағз шуд.

Чеҳраи мӯйсафедони бодгар аз зери ришҳои батамом гарди каҳолуд механдид, чашмонашон аз шодӣ барқ мезаданд. Ҳама гирди чоши гандум ҷамъ шуда шукрона мегуфтанд, ки хайрият даҳони мардум ба нони гандум мерасад.

Самандару Дилшод аспҳоро ба нӯхтаи якдигарашон баста, руи хирмани рӯгардоншуда ҳай карданд. Боз қамчини Самандар болои сари аспҳо ҳуштак мекашиду овози дупӯсташудаи ӯ дар фазои хирманҷой паҳн мешуд.

Ӯ таронаи хирманкӯбонро мехонд.

*Дар ғарибӣ нола кардам,*
*Хирмани гул даргирифто,*
*майдаё, майдаё,*
*Ҳайфи рӯи беғуборам,*
*Чангу хокистар гирифто,*
*майдаё, майдаё...*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бегохӣ тасфи ҳаво андак паст шуд. Дами гармсел хам гашт. Мӯйсафедҳои бодгар дар сояи чайла нишаста харбуза мехӯрданд. Дилшод як карчи харбузаи ба ӯ дарозкардаи Расул-боборо то пӯчоқаш тоза карда хӯрду хеста назди Самандар рафт.

– Фаро, рафта харбуза хӯр, – гуфт ва худаш ба ҷойи ӯ ба асп савор шуд. Даставвал ба Сиёҳмушкин нигарист, ки чӣ аҳвол дорад. Онро ин дафъа аз мобайн баста буданд. Вай қатори дигар аспҳо коҳилона кадам партофта, гоҳ-гоҳе ғашаш мсомад магар, ки гӯшҳояшро қафо хобонда, ба ду тарафаш бад-бад нигоҳ мекард. Вале чун илоҷи дигар надошт, баробари ҳамроҳонаш роҳ мерафт. Маҳбуси мағруру ҳавобаландеро мемонд, ки ба ҳамқисматонаш бо кароҳату истеҳзо назар афканда, ноилоҷ ҳамроҳашон умр ба сар мебарад.

Расул-бобо ба ин хама коре надошт. Бо панҷшохааш гирду пеши хирманро ғун мекард ва гоҳ-гоҳ ба мобайни он даромада, қабатҳои зерхӯрдаашро ковоку тагурӯ мекард, ки ба як минвол кӯфта гардад. Баъди хирманро яксара ковоку тагурӯ кардан ӯ ба Дилшод фармуд, ки акнун аспҳояшро чорхез гиронад. Ӯ қамчинро мисли Самандар ба болои сари аспҳо давр занонда буд, ки якбора онхо ба лӯкка даромаданд. Дар андак вақт хирмани ковоку баланд аз суми аспҳо зер хӯрда, муштаҳои яклухт хеле реза шуда рафтанд.

Ҳамин вақт аз куҷое раиси колхоз Ёдгор-амак аспакӣ омада монд. Чанд кас ба пешвози ӯ хест. Самандар_зуд омада ҷилави аспашро дошт. Расул-бобо ба фаромаданаш ёрӣ дод. Ӯ аз асп фаромада, бо ҳама як-як вохӯрдию ҳолпурсӣ кард.

– Монда нашаветон.

– Саломат бошед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хирманатон бобаракат шавад.

– Раҳмат, раис, – даст пеши бар гирифт Расул-бобо.

– Дасти деҳқон дард набинад.

Ёдгор-амак сари Самандарро меҳрубонона сила карду чилбури аспро аз қоши зин кушода ба ӯ дод ва гуфт:

– Хӯрҷинро фурор, ҷиянам, камтар себу ангур овардам.

– Хуб шудааст.

Ӯ гирди хирманро як давр зада баромаду тарафи Дилшод шӯхиомез ишорат кард.

– Корҳо чӣ тавр, йигит?

– Нағз, амак.

– Аз падарат хат гирифтам. Корҳояш ванг, – сарангушташро рост карда гуфт раис. – Аз хирманкӯб шудани ту хурсанд.

Дилшод аз ин гап курта-курта гӯшт гирифта аз раис пурсид:

– Амак, шумо ба дадем хабар дода будед?

– Ҳа, хат навишта будам.

– Кай меомадаанд? – Дар чашмони Дилшод об чарх зад. Дилаш гум зада рафт.

Самандар ҳам аспро баста аллакай назди раис омада, аз дахони ӯ чашм наканда меистод. Нигоҳаш сад савол медод: «Ҷанг кай тамом мешавад? Падари ман хам хат кардаанд? Чӣ гуфтаанд? Кай меоянд?...»

Ёдгор-амак ба ҳамаи саволҳои додаю надодаи онҳо ҳамин хел чавоб дод:

– Шасти душман гашт. Аскарҳои мо акнун дар ҳар қадам ба фарқи сараш кӯфта истодаанд.

– Чӣ хел нағз! – беихтиёр нидо кард Самандар.

Раис китфони лоғари ӯро, ки куртаи нимдошти ҷиҳакдораш базӯр пӯшида меистод, оғӯш карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳа, бисёр нағз! Дар равғани худаш бирён шуда истодааст. Ана-мана нагуфта, мебинед, ки душман тамоман торумор мешаваду падаратон шоду хандон даромада меояд.

Самандар бо як ҷаҳиш пойлуч ба рӯи хирман баромада, аз пайи аспҳо давид. Дилшод дар рӯи зини асп нимхез шуда, қамчинашро болои сар давр занонда, бо овози баланди ғарқи шодӣ фарёд кашид:

– Чу, балота гирам, чу! Дадем меоянд, чу.

Аспҳо гулдуррос зада гирд мегаштанду бандҳои нав партофтаи гандум зери суми онҳо коҳ мегаштанд.

Пирони бодгар, раис ва Расул-бобои хирманкӯб ҳама ба ин манзара чун ба саҳнаи шодкомии зафар бо ҳавас менигаристанду баробари ин бачаҳои муштоқи дидор хурсандӣ мекарданд.

Хандаю таронаҳои фараҳмандонаи Дилшоду Самандар аз шаххҳои ба синаи замин фурӯрафтаи атрофи Санги Ӯғурак акси садо гирифта, ҷарангос мезаданд.

Ёдгор-амак назди чоши гандум омад. Гирди он давр зад, чеҳраи дар офтоб мисранг гаштааш аз хурсандӣ шукуфт, чашмонаш аз оташи қавӣ дурахшиданд, хам шуда як мушт гандум гирифт, муддате ба он нигарист ва ба чашмонаш молида, рӯи чош рехт. Пас андаке канор рафт, ҳолаташ дигар шуд, дурудароз ба фикр фурӯ рафт. Чеҳрааш ғамолуд гашт.

Агар одам умр дида, бо аҷали худаш мурад, ба қисмат тан медиҳад. Қонуни табиат ҳамин: кӯҳна мераваду нав меояд. Вале алами ҷавонмаргӣ зӯр. Магар кам аст алами онҳое, ки дар ҷангҳо аз тиру теғи душман беҳуда мурда мераванд. Ин ҷо байни ҳаёту мамот сонияест: буд – нест. Лекин ҳасрати аз гуруснагӣ мурдагон дар олам намеғунҷад. Ӯ соли чилу якум ба ҷанг



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рафта буд ва пас аз ду сол сахт ярадор шуда, як дасташро бой дода омад. Дар набуданаш модари пираш аз гуруснагӣ мурд. Занаш ҳам ким-чӣ хел касал шуда, вафот карда буд. Ду духтарчааш дар ба дари ҳамқишлоқиён гаштанд. Хайрият, ки маҷрӯх шуда бошад ҳам, омад. Вагарна, кӣ медонад, ду фарзандаш аз азоби гуруснагию дарбадарӣ ба чӣ ҳол меафтоданд. Фарзандонашро мисли чӯҷаҳои паркандаи чанголи калхот аз сари остонаи мардум ёфта гирифт, таги қанот кард, парвою парасторӣ намуд. Аз ҳамон рӯз ҳар боре, ки нони сериро дид, аз гуруснагӣ мурдани модару ҳамсараш ба хотир меояд ва аламаш омада, аз чашмонаш ашки ҳасрат равон мешавад. Ҳоло ҳам чоши гандуми нав аз бод баромадаро, ки ҳар донааш ба назари ӯ як кулчаи гарми ширмол менамуд, дида, яқин, он рӯзҳои бадбахтиро ба хотир овардагист. Ҳангоми аз душман озод кардани шаҳру деҳоти муҳосирашуда ҳам ӯ даҳҳо чунин ҳолатҳои ғамангезро дидааст. Одамон накл мекарданд, ки чандин хурду калони ҳамқишлоқиёнашон ҳам аз ночорӣ решаи алаф, кунҷора, қавузи шолӣ хӯрда, варамида мурда рафтаанд.

Вай хар вақт ҳамин воқеаро ба хотир оварда мегуфт, ки ҷанг тамом шаваду зиндагӣ осуда гардад, ҳайкалтарошонро даъват карда, дар ҷои намоёни деҳа ёдгорие мегузорад, ки дар он сурати нону хӯшаи гандум бошад. Ин рамзи заҳмати деҳқону пойдории рӯзгор хоҳад буд. Мардум донад, ки нон чӣ қимате дорад.

Ёдгор-амакро ҳамин зимистон раис интихоб карда буданд. Вай пеш аз ҷанг рафтанаш бригадир буд, хату саводи хуб дошт. Калонсолон одами нағз гуфта таъриф мекарданд. Самандару Дилшод имрӯз ба ин гап бовар ҳосил карданд. Пештар, ки корафтода набуданд, наме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

донистанд. Модари Дилшод ҳар дам мегуфт, ки дар рӯзи тӯю шодӣ дӯстонро чандон шинохта намешавад. Мард касест, ки дар мусибату тангдастӣ ғамхорӣ кунад.

Ёдгор-амак ба чоши гандуми аз бод баромада, ғарами кӯҳмонанди гандуми нокӯфта менигаристу рӯзҳои сахти нав раис шуданашро ба хотир меовард. Вақте ки ӯ мӯҳри раисиро гирифт, аввалин кораш ҳамин шуд, ки анборро хабар гирифт. Дар анбор аз ғалла дараке ҳам набуд. Анбори ғаллаи тухмӣ ҳам ҷавлонгоҳи мушон шуда буд. Ба беваю бечораҳои дармонда коғаз карда ба осисби колхоз мефиристод. Таомул буд, ки осиёбон барои ҳар як пуд ғаллаи ордкардааш аз соҳиби бор яккилоӣ орд гирифта, ба колхоз даромад мекард. Раис назорати сарфи ҳамин даромадро ба зиммаи худ гирифта буду ҳоҷати дармондагонро мебаровард. Беваю бечораҳо ҳамин яккилоӣ орди ҷаву арзан ва ё андаке гандумаралашро гард-гард ширатола карда, ба обҷӯши решаи алафҳои кӯҳӣ омехта, чандин рӯз бо бачаву качаашон мехӯрданд.

Ана ҳамин буд аҳволи колхозу аҳолии қишлоқ. Зимистон гузашта, баҳор наздик меомад. Ғами ояндаро хӯрдан даркор буд. Кишт бояд кард, ғалла коридан даркор, ки халқро аз гуруснагӣ наҷот диҳад. Барои ҷанговарон ҳам нон лозим. Чанд ҷувол ғаллаи мо куҷоя мегирад, гуфта нишастан лозим нест. Ба ҳар ҳол, аз мӯр мададе.

Дуруст, ин корро албатта кардан даркор. Лекин чӣ тавр? Тухмиро аз куҷо гиранд? Чӣ бояд кард? Раис ба колхозҳои ҳамсоя муроҷиат кард. Бефоида. Аҳволи онҳо ҳам чандон хуб набудааст. Сонӣ, остонаи идораҳои районро охурча кард. Аз рӯи будаш ҳамагӣ чанд чувол гандуми тухмӣ ёфта доданд. Ӯ хурсанд шу-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

да, дар ду ароба бор карда, ба деха бурд. Лекин ҳисоб карда баромад, ки ин ақаллан ба чаҳоряки заминашон намерасад. Чӣ чора? Аз бозор харад, пул нест, кассаи колхоз холӣ. Нахарад, намешавад.

Фавран мачлиси правленияи колхозро даъват кард ва қарор бароварданду фардояш дусад сар гӯсфанду бузро ба бозорҳои атроф фиристод. Мӯйсафедонро мутасаддӣ карда, фармуд, ки ба пули молҳо ягон тин намонда, ғаллаи тухмӣ харида оранд. Ба як гурӯҳ худаш рохбарӣ карда, ба бозори район бурд...

Ана ҳозир хурсандии Ёдгор-амак ҳадду канор надорад. Ӯ ҳатто баъди гандумро даравида, бандхояшро баровардан махсус ҳашари хӯшачинӣ ташкил кард. Пиpону кӯдакон гандумпаяро лесида, ягон хӯша намонда чида гирифтанд. Рости гап. кори оқилона кард Ёдгор-амак. Набошад, чӣ кадар ҳосил дар ангор нобуд шуда мерафт. Ӯ мегӯяд, ки як хӯшаи аз замин гирифтаатон як каф дон гуфтанӣ гап. Ин як каф донро ба замин коред, соли оянда бароятон як танӯр нон мешавад. Фаромӯш накунед, ки нон дар рӯзҳои ҷанг қуввати аскар, мадори занону наврасон аст, ки дар сари дастгоҳи заводҳо барои ҷанговарон тиру туфанг мебароранд. Нон гурзи садманӣ аст, ки бар фарқи душманон зада маҷак мекунад. Нон... чӣ гӯям, хуллас, ки ганчи бебаҳо аст. Хӯшаҳоро дар ангор намонед.

Гапаш маъқул. Азоби ҳамин зимистон кашидаи мардум ҳам бояд панд шавад. «Шикастауcтухон донад қадри мӯмиёро» гуфтани бузургон бегап набудааст.

Гандумро кашонда ба анбор оварданд. Раис ба мудири анбор фармуд, ки аз ин гандум фавран се ҷуволашро ба осиёб фиристода орд кунонад. Одамхои эҳтиёҷмандро рӯйхат карда, кам-кам диҳад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 4

Қариби вақти говгум Расул-бобо атрофи хирманро панҷшоха зада, гирду ғун карду аспхоро кушода истода буд, ки модари Дилшод ҳамроҳи додарчаи панҷсолааш тугунчае дар даст омад. Дилшод тозон назди онҳо омада, салом дод ва додарчаашро оғӯш карда бӯсид. Модараш дилсӯзона сари ӯро сила карда, ба чеҳраи офтобхӯрдааш нигарист.

– Бечора бачекам, зоғча барин сиёҳ шуда рафтааст. – Ӯро оғӯш карда, гарди коҳҳои китфашро афшонд.

– Ҳеҷ гап не, оча, одат карда истодаем.

Самандар хам ресмони валро аз қоши зини асп бароварда партофту назди модари Дилшод омад.

– Салом, хола.

– Холет чӯрӣ, салом, Самандарчон.

– Модари ман наомаданд? Ахволашон чӣ тавр?

Нағз, бачем. Омаданӣ буданд, хоҳаракат танҳо. Ман хабар мегирам, гуфта намондам. Барои ту нону ангур дода фиристоданд. – Соҷида-хола ду тугунчаро яктой ба Самандару Дилшод дароз кард. – Як табақча шавла овардам. Ҳамрох хӯретон.

– Рахмат.

– Садқаатон шавам, хирманкӯбҳои ман.

Лабони парсингбастаи онҳо ба табассум моил шуданд.

Расул-бобо ҳам корҳояшро саранҷом карда назди онҳо омад.

Салом, амак, – аз ӯ пештар ба ҳолпурсӣ сар кард модари Дилшод. – Аҳволатон чӣ тавр? Холему набераҳо нағзанд? Шунидам, писаратон Ибодулло хат кардаанд, сиҳату саломат будаанд. Хурсанд шудам.

– Шукр, духтарам. Имрӯз раис гуфтанд, ки аз пада-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ри Дилшод хат гирифтаанд. Дилшод аз шодӣ ба куртааш намеғунҷад.

– Ҳа, сари ҳамаашон аз санг шаваду қатори кӯп соқу саломат биёянд, давлати сарамон.

– Албатта меоянд. Шабу рӯз дуо мекунем.

– Бачаҳо шуморо азоб намедиханд, амак? – мавзӯи гапро дигар карда, ба Дилшоду Самандар ишора намуд ӯ.

– Не, бачаҳои қобил, – тарафи онҳо чашмак зада, таъриф кард амак. – Деҳқонзода ҳамин қадар мешаваддия.

– Хайрият... – Соҷида-хола боз чизе гуфтанӣ буд, ки Расул-бобо ба бачаҳо рӯ овард:

– Шумо, йигитҳо, аспҳоро бурда об диҳеду дар шибар мех кунед. Қаровул хонааш рафтагӣ, то омаданаш хирман беодам намонад. Ман баъдтар меоям.

Баъд вай Дилшодро ба Ҷирани падараш ва Самандарро ба аспи дигар савор карда, нӯки ресмони Сиёҳмушкинро ба дасти ӯ дод. Худаш тӯруқи валкашро нигох дошта монд. Нону ангури овардаи Соҷидахоларо ба як тараф ва як пушти миёнбанд себу ангури имрӯз раисовардаро ба пои дигари хӯрчин андохта ба пушти лучи аспи Самандар монд. Соҷида-хола табақчаи дастархонпечи шавларо ба дасти Дилшод дод. Додарчааш талош кард, ки ба асп савор кунад. Як дам Дилшод ӯро ба асп савор карда, гирди хирман як давр занонду ба дасти модараш дод. Модар бо ҳавас ба ӯ менигарист, мисли падараш ба аспсаворӣ мезебид.

– Хайр, мо рафтем, оча.

– Эҳтиёт шаветон, бачем, аспҳо нағалтонанд.

– Хавотир нашавед... Чу Ҷиран...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 5

Қарибиҳои хуфтан Расул-бобо омад.

Аз рӯи одат як гулӯ афшонда, калта-калта сулфиду овоз баровард.

– Ҳа, уқобчӯҷаҳои ҷасур, ҳоло хоб нарафтаед?

– Не.

– Сӯҳбат дар авҷ-ку.

Ширмаҳтоб пайкари баландболои ӯро, ки мисли ҳайкали бузурги муҳаррик солорона қадам зада меомад, баръало намоиш мсдод. Вай дар даст тугунчае дошт, ки онро назди бачаҳо монда, ба атроф нигарист. Аспҳо бо думҳояшон пашшаҳоро ронда, гоҳ-гоҳ фуруққос зада бинӣ меафшонданду сар аз замин набардошта пайваста алаф мехӯрданд. Шамолаки серун вазида, бӯи алафҳои каб-кабуди шибарро ба машом мерасонд, ки пас аз гармои рӯзона аҷаб ҳаловатбахш буд.

– Ҷонварҳо роҳат карда истодаанд.

Расул-бобо дар паҳлӯи бачаҳо нишаста, тугунчаи овардаашро кушод ва як косаи чӯбини чуқурро баровард.

– Камтар ҷурғот овардам. Ошометон, тасфи рӯзонаро мебуррад. Дар паҳлӯи косаи ҷурғот ду бурида нон ҳам буд, ки баробари ба даст гирифтан аз вазнаш зағора буданашро хис карданд. «Ба ҳаминаш ҳам шукр». Косаи ҷурғот ду-се бор аз даст ба даст гашта холӣ шуд. Самандар онро лесида ба паҳлӯяш монд. Аз афташ, ба шустан ҳоҷат намонд.

– Ҷурғоти ширин будааст, раҳмат, – гуфт Дилшод.

– Ош шавад, – гуфт Расул-бобо ва номаълум оҳ кашида монд. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд, бачаҳо.

– Албатта мегузаранд!

– Ҳа...



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Онҳо аспҳоро мехгардон карданд. Дилшод назди Ҷирани падараш рафт, ба хаёле гардани онро оғӯш карда, муддате хомӯш монд. Нихоят, пешонии қашқа ва гардани дарозу базеби онро сила карда гуфт:

– Падарамро ёд кардӣ, Ҷиран? Агар забон медоштӣ, ту ҳам аз ман ҳамин хел мепурсидӣ. Ҳамин тавр не?

Асп гӯё маънии саволи ӯро фаҳмида бошад, сарашро болою поён чунбонда, лабони шахшӯлашро ба китфони бараҳнаи Дилшод молид.

– Ба пурсиши ту ман ҷавоб медодам, ки «Ҳа, албатта. Дилакам гум мезанад, шабҳо ба хобам медарояд. Дадаҷонакам, гуфта фарёд мезанаму аз овози худам тарсида бедор мешавам. Аламам меояд, ки чаро ин бедорӣ нею хоб аст? Ҳеҷ гап не, ҷанг тамом шавад, падарам меояду боз туро мисли арӯс оро дода, ба сайри бузкашӣ меравад...»

...Гумон мекунед, ки Ҷиран ҳамеша чунин явошу қобил буд? Не-е. Рӯзҳои Дилшодро хуни ҷигар кардагиаш кам не. Вақтҳое ки падараш ба ягон кор банд бошад, Ҷиранро одатан Дилшод обдиҳӣ мебурд, ё дар саҳро бонӣ мекард. Вақти обдиҳӣ баррачаи думрав барин оромакак аз кафояш рафтан мегирифт. Аз афташ, ташна буд ва медонист, ки обдиҳӣ мебарад. Вале ҳангоми мехгардон ҳунарашро нишон медод. Медонист, ки Дилшод ҳоло кӯдак асту зӯраш намерасад, баробари мехро аз замин канданаш ӯро кашола карда мегурехту ба ҷойҳои сералаф мерафт. Ва ҳамин ки Дилшод гириста, хона мерафту падарашро меовард, вай шиҳа кашидаю ресмонашро кашола карда, назди соҳибаш меомад. Мулоимхунукона бо пойҳои пешаш заминро охурча кофта, гӯё механдиду «бубахш, шӯхӣ кардам», мегуфт. Падараш ҳам як қавоқ меандохту ди-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гар чизе нагуфта, Ҷиранро ба ҷои дилхоҳаш мех мекард.

Ин ҳам дарди бахайр. Лекин як рӯз гуноҳе кард, ки Дилшод қариб буд ба фурӯхтанаш розӣ шавад. Ҳамон шабу рӯз чанд харидор баромада буду падараш, Дилшод хафа нашавад, гуфта намефурӯхт.

Воқеа ин тавр шуда буд.

Дилшод Ҷиранро дар марғзори сералафи сойи Шингак хуб сер кард. Сонӣ даруни наҳр дароварда, чунон оббозӣ доронд, ки одами аз ҳаммом баромадагӣ барин тару тоза шуд. Баданаш дар шуои офтоб пати бахмали нав шуста дарзмол кардагиро мемонд, ки ҷилояш чашмро мебурд. Он қадар навозишу меҳрубонӣ кард, ки агар нисфи онро ба одам кунед, тамоми умр ба сараш бардошта мегардад. Лекин ин меҳрубониро ҳайвон гоҳо ба таври худ мефаҳмад. Гумон мекунад, ки соҳибаш ба ин вазифадор асту подоше немехоҳад. Алалхусус, агар ин корро бачаҳо кунанд, нозунузашро бинед. Ба одами калон ин хел нағма намекунад, албатта.

Дилшод Ҷиранро хуб сер карда бошад хам, барои шаб боз ду бандча алаф даравида монда буд. Бегоҳ аспро зину лаҷом заду бандҳои алафро бор карданӣ буд, ки он тан надод. Олуфтаеро мемонд, ки дар хар сония ҳафт бор гарди гиребону доман меафшонад.

– Ношукр, аз алафи худат мехӯрдагӣ ҳазар мекунӣ. Биниат бод гирифтааст.

Таънаи Дилшод ба Ҷиран сахт расид магар, ки вай зӯъм карда наҷунбида истод. Дилшод сари вот баромада, бандчаҳои алафро ба рӯи зин партофт. Бор ба ду тараф хӯрҷин шуд. Сонӣ худаш досро ба банди алаф зада, яктаҳашро болои он партофта, ба асп савор шуд. Ҷиран саросема ба роҳ даромад. Гардани дарозашро ба шакли



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аломати савол карда, сарашро боло бардошта чунон бовиқорона роҳ мерафт, ки гӯё нав аз байни тӯдаи аспҳо бузро бароварда, ё дар пойгаҳ ғолиб омада бошад. Дилшод хурсанд буд: аспаш ҳам асп-дия, чор кас медидагӣ, ёлаш юнучқаи барра барин ба тарафи рости гарданаш хобида мавҷ мезад. Чунон бонидааст, ки аз ҳар тори мӯяш равған мечакад, сағриаш дунбаи гӯсфанд барин лаппос мезанад. Бисёр мехост, ки ҳозир падараш бинад. Хурсанд мешавад, албатта. «Писарам йигит шудааст, ба асп мезебад» гуфтанаш аниқ.

Вай ғарқи андешаҳои ширини кӯдаконааш гашта, якбора дигар шудани авзои аспашро нафаҳмида монд. Ҷиран аз чизе тӯрида, нохост худро башаст тарафи чап партофт ва аз тарафи рост ҳамроҳи бандҳои алаф шалаппас зада, ба даруни ҷӯйи пуроб афтодани Дилшодро дида, қафо гашту рӯ ба гурез ниҳод. Ана аспи таърифӣ. Дилшод базӯр бандҳои алафро тела дода аз даруни ҷӯй хест. Дурустакак лат хӯрд.

Ҳатто нӯки доси ба банди алаф задамондааш сутунчаи пояшро камтар бурида буд. Вале ҳамаи ин як тарафу ӯро ба ин ҳол партофта гурехтани Ҷиран як тараф. Вай аз Ҷиран ин хсл умед надошт. Ин мисли он аст, ки ба кас бовар мекунӣ, дилу ҷонатро барояш дареғ намедорӣ. Яке мебинӣ, ки дар як рӯзи зӯромад мепартояду меравад. Ин гапи куҷо? Ба кас алам мекунад, охир.

Дилшод як хаёл кард, ки бандҳои алафро партофта равад. «Заҳра хӯрад, зақума хурад, кӯрнамак». Лекин дилаш нашуд. «Ба ҳайвон ситеза кардан, аз вай қасос гирифтан нағз не».

Ӯ алафро пуштора карда, лангида-лангида аз хамгашти роҳ гузашта буд, ки Ҷиранро дид. Вай, гӯё ҳеҷ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

воқеа нашуда бошад, бепарво алаф хӯрда меистод. Дилшод наздик омада, барои ресмон хам шуда буд, ки Ҷиран гӯшҳояшро ба паси сараш хобонда гурехт ва тақрибан сад қадам рафта бозистод. Дилшод наздик омад, Ҷиран боз гурехт. Ҳамин корашро то вурудгоҳи деҳа такрор кардан гирифт. Гӯё мазоҳ мекард. Бечораи Дилшод аз қаҳру алам намегиристу бас.

... Дилшодро падараш дар сари кӯча пешвоз гирифт. Ба ҳавлӣ бесавораш омадани Ҷиран падарро хавотир карда буд. Вай бандҳои алафро аз китфи писараш гирифта пурсид, ки чӣ воқеа шуд.

– Афтонду гурехт, лаънатӣ, – кӯтоҳ ҷавоб дод Дилшод. – Ба сутун баста, мур гуфта назанам, намемонам.

– Ҷазои ин кӯрнамака худам медиҳам, – гуфт падараш ва Дилшодро назди модараш бурда фармуд, – як пора намад муд карда ба пои ӯ бандад. Инро гуфту худаш қамчинро гирифта сӯи оғил рафт. Пас аз дақиқае аз он ҷо садои баланди дашному тарс-тарси қамчин баромад.

– Ҳаром мурӣ, ту кӯрнамак. Наход ба нағзӣ гандагӣ кунӣ. Еми гург шавӣ. Чашмоната каргасҳо кофта хӯранд...

Ҳар бори дуои бад кардан садои зарби қамчин ба гӯш мерасид. Баробари ҳар зарби қамчин Дилшод як қад парида мехест. Гӯё падараш аспро нею ӯро зада истода бошад. Ғазаби чанд лаҳза пешинааш пасанда шуда, ба раҳму шафқат мубаддал гашт. Модараш ҳанӯз мудро ба пояш набаста, дартоз хесту сӯи оғил рафт. Рафта падарашро оғӯіш карда, қамчинро аз done дасташ гирифта, тавалло карданӣ буд, ки дигар назанад. «Тавба кард, дигар намекунад. Ман бахшидам» – гуфтанӣ буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дилшод дари оғилро башаст кушода даромад. Ҷиран, ғайричашмдошти ӯ, дар назди охураш ором меистоду падараш дуои бад карда, қулочкаш ба танаи сутун қамчин мезад...

Нигоҳи падару писар ба ҳам бархӯрд. Падар аз «фиребаш» хиҷолат кашида табассум кард. Дилшод аз хурсандӣ механдид.

– Хайрият назадед, дада.

Ҷиран тарафи Дилшод сар ҷунбонда, гӯё «бубахш» мегуфт...

**6**

– Дилшод, – Самандар ӯро чеғ зада, риштаи хаёлашро барканд. Ин ҷо биё. Бин, Сиёҳмушкини ман ром шудааст. Наметӯрад.

Дар ҳақиқат, Сиёҳмушкин чунон бепарвоёна алаф мехӯрду аз Самандар хотирҷамъ буд, ки гӯё тамоми ихтиёрашро ба ӯ супурда бошад. Гоҳ-гоҳ сарашро бардошта, тарафи Самандар тавре менигарист. ки гӯё ӯро сӯи худ мехонд. Самандар оҳиста наздаш рафта, ба ёлу гарданаш даст бурда буд, ки асп каме худро қафо кашид.

– Хайр, майлаш, ман имрӯз ба ту дигар... чаққа намешавам, – гуфт Самандар дасташро ба пушташ бурда. – Лекин пагоҳ лаҷом зада савор мешавам. Намехоҳам, ки ба дасти Зиёбой афтӣ. Ту мефаҳмӣ, ки Зиёбой амакат намешавад?

Ба досташ афтад, мефаҳмад. Ин овози Расул-бобо буд. Дилшоду Самандар қафо гашта ӯро диданд, ки аз гуфтугузори онҳо завқ карда механдид.

– Рост-дия, – гуфт Самандар. – Агар медонист, ки мо ба вай некӣ карданием, ҳеҷ гоҳ ин қадар қайсарӣ намекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Мефаҳмад, – Расул-бобо меҳрубонона даст ба китфи бачаҳо гузошт. – Ҳайвон бисёр зирак мешавад. Меҳрубонӣ кунед, унс мегирад. Албатта, якбора не.

– Ҳа, рост.

Расул-бобо ба мобайни онҳо даромада, ҳардуяшро ба худаш ҷафс карда оғӯш гирифт ва секаса аз аспҳо дур шуданд.

Онҳо яктоӣ ҷуволро рӯи сабзаҳо густурда, ҷомаҳои пур аз дарбеҳашонро тагсарӣ карда, рӯболо дароз кашиданд. Моҳи пурра дар осмони лоҷувардӣ мисли тоқа киштии бодбондор дар уқёнуси беҳудуд чунон оҳиста шино мекард, ки гӯё намеҷунбид. Ситораҳои бешумор чун шаддаҳои беҳисоби марҷон афсункорона ба якдигар чашмак мезаданд. Гӯё нури маҳтоб камӣ мекард, ки онҳо ба шуои ширмонанди он нур зам мекарданд. Осмон чодари азими кабуди мунаққашро мемонд.

Дар осмон ҳам мисли рӯи замин аҷоиботи бисёре будааст. Дилшод дар он ҷо дар мобайни галаситораҳо як тасма роҳи аз ситорахо холиро дид, ки бузроғаи танаи кӯҳро мемонд ва гӯё ду тарафаш зич гулҳои зиёди сафедчатоб рӯидааст. Инро падараш «Роҳи каҳкашон» гуфта буд.

Дилшод оҳиста нигоҳ кард, ки Расул-бобо ҳанӯз бедор, ба осмон чашм дӯхта, ғарқи андеша аст. Самандарро хоб бурда буд, ки паст-паст хуррок мекашид.

– Расул-бобо, – садо кард Дилшод.

– Ту ҳоло бедор?

– Хоб намебарад.

– То сад шумор, хобат мебарад.

– Қариб нисфи ситораҳои осмонро ҳам шумурдам, бефоида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ана ба он як ғуҷум ситора нигоҳ кун, – гуфт Расул-бобо ба канортари «Роҳи каҳкашон» ишора намуда. – Канӣ шумур, чандто.

– Як, ду. се... Ҳафтто.

– Не, дурусттар диққат кун, боз ҳаст. Дилшод синча карда онро ҳам дид.

– Он галаситораҳоро «Ҳафтдодарон» мегӯянд, – шарҳ дод ӯ.

– Онҳо ҳаштто-ку?

– Як хоҳарак ҳам доштаанд, ки баъдтар акаҳояшро кофта ёфта дар каторашон ҷой гирифтааст.

Расул-бобо дар омади гап қиссаи «Ҳафтдодарон»-у як хоҳараки онҳо ва чӣ тавр ба ситора табдил ёфтанашонро ҳикоя карда дод.

– Дар осмон ҳар кас ситора дорад мегӯянд, рост аст? – пурсид Дилшод.

– Ҳа, рост.

– Мегӯянд, ки агар одам мурад, ситорааш нест мешудааст? Чӣ хел?

Ҳамин дам аз миёнаҷои осмон як ситораи дурахшон канда шуда, мисли як даста оташ башаст тарафи мағриб фурӯ рафт ва дар нимароҳ хира ва аз назар ғоиб шуд.

– Ана дидӣ, – гуфт ӯ ба Дилшод ситораи парронро нишон дода. – Ҳамин лаҳза ягон кас аз олам гузашт. Ситорааш ҳам ба он дунё парида рафт... Ҳо, ба он тарафи «Ҳафтдодарон» нигар. Се ситора ба шакли секунҷа истодаанд. Яктоаш аз боло, дутоаш дар поён муқобили ҳамдигар. Онҳоро тарозу мегӯянд. Ривоят мекунанд, ки сангпушт як вақтҳо тарозудор будаасту бисёр ҳаққи мардумхӯрӣ кардааст. Мардум ба дод омада, ба худои адлу инсоф арз кардаанд. Худо ӯро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷазои сахт додааст. Яъне ду паллаи тарозуяшро тагурӯ кардаасту тарозудори ноинсофро миёни онҳо гузошта «Сазои дузд ҳамин» гуфтааст. Ҳамон се ситорае, ки нишони тарозу гуфтам, аз ноинсофии тарозудор номус карда, ба осмон парида рафтанду аз ҳамон ҷо ба ҳоли сангпушт менигаристаанд... Инҳо афсона, албатта. Матал.

Шаб аз нисф гузашт. Расул-бобо дид, ки хикояту ривоятҳои ӯ то рӯз давом кунанд ҳам, Дилшод дил канда наметавонад. Лекин саҳар боз хирман интизор. Бача аз хоб намонад.

– Хайр, Дилшод, шакара камаш нағз. Акнун хоб кун.

– Хайр, бобо.

Вай ба паҳлӯ гашту чашмонашро пӯшид. Дар сукути шаб гӯё тамоми садоҳои олами зулмот ба гӯш мерасид. Асрори шаб кашф мешуд. Аз дур, аз тарафи ҷангал уллоси пасти шағолон баромад. Морҳои обӣ чиррос мезаданду қурбоққаҳои нақшин ҷиғилдонашонро варам кунонда базми таронахонӣ доштанд. Аз кадом баландие чуғзе ҳар дам «ҳақ-ҳақ» мегуфт.

– Хок, хок, – бадқаҳрона чуғзро талха дод Дилшод. – Нафаси шумат сарата хӯрад...

## 7

Субҳи рӯзи нав дамид. Тару тоза. Ҳавои салқини гуворо ба тану ҷонҳо ҳаловат мебахшад. Дилшод бедор шуда дид, ки Самандар дар паҳлӯяш нест. Расул-бобо дуртар аз ӯ дар лаби ҷӯй дастурӯй мешуст. Дилшод чашмонашро молида-молида ба сӯи аспхо нигарист. Ҳама дар ҷояшон. Ҷирани ӯ гирди мехаш давр зада, мисли он ки хумори ем гирифта бошад, шиҳа мекашид,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

соҳибашро даъват мекард. Рӯзҳои пеш ин хел намекард, бепарво буд. Ин нағмаи наваш, шояд аз он буд, ки Самандар аллакай назди Сиёҳмушкинаш гаштугузор дошт. Вай як мушт қиёқро ба шакли ҷорӯб баста, бо он гардану биқини Сиёҳмушкинро, ки руи лой ғел зада буд, тоза мекард. Аҷиб, чанд рӯз пеш касеро ба худаш наздик омадан намемонд, чӣ тавр шудааст, ки мӯяшро наҷунбонда истодааст.

– Самандар балоча, – гуфт Дилшод сӯи Расул-бобо нигариста. – Охир дилашро ёфта, ба худ ром кард.

– Ҳайвон хам мисли одамизод меҳрубониро мефаҳмад, – пандомез гуфт Расул-бобо. – Некӣ кунед, бовар мекунад, меҳр мебандад. Лекин агар бадӣ кунед, занед, дилаш мемонад, бад мебинад, ҳатто касос мегирад. Чанд сол пеш дар қишлоқи ҳамсоя як воқеа шуда буд. Як кас шутуракӣ барои ҳезум меравад. Ҳезумро ҷамъ карда, барои бор кардан шутурро хобонданӣ мешавад. Вале вай итоат намекунад. Соҳибаш ба хашм омада, ба зонуҳояш зада маҷбур мехобонаду ҳезумро бор карда, баъд хезонда ба роҳ медарояд. Аз нӯхтааш этак карда мерафтааст. Нохост шутур наздик омада, пошнаи пои соҳибашро зер мекунад, ки ӯ меафтад. Фавран худро болои сохибаш партофта, синамол карда мекушад.

– Ӯҳ, баттол-е!

– Албатта, шутур бадкина мешавад. Лекин айби соҳибаш, озор додан лозим набуд.

– Ҳа, рост.

– Гов ҳам ширашро ба ҳар кас намефурорад.

Самандар корашро тамом карду ба гардани Сиёҳмушкин бо навозиш тап-тап зада назди Дилшод омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Қандата зан. Самандар, – таъриф кард ҷӯрааш. – Чӣ кор кардӣ. ки ин қадар явош шуда монд?

Самандар табассум карду чизе нагуфт. Расул-бобо ҷуволҳо – ҷойхобашонро ғундоштаву миёнбандашро ба миёнаш баста ба ҷои ӯ ҷавоб дод:

– Ҳеҷ сир нест. Дасташ бамеҳр, забонаш ширин. Забони ширин ҳатто морро аз хонааш баровардааст.

– Ман ҳам барои хамин туро дӯст медорам, – ба китфи Самандар китф зада гуфт Дилшод.

– Хайр шуд, бисёр муҳобот накун.

– Биллои азим, ки рост мегӯям. Расул-бобо табассум кард.

– Баҳс накунед, шербачаҳо. Ҳардуятон тилло.

Э не, бобо. Ман розӣ не, – калонгапона шӯхӣ кард Дилшод. – Тиллоро харида мефурӯшанд. Мо ин хел не-а?

Ҷӯраҳо якдигарро оғӯш карданд.

Расул-бобо гул-гул шукуфта хандид. Ҷавонмардию меҳрубонии падарони онҳоро ба ёд овард.

Уқобчӯҷа аз тухми уқоб мерӯяд.

## 8

Бегоҳ Расул-бобо аз деҳа баргашта, бачаҳоро хурсанд кард:

– Имрӯз кино омадааст, – хабар дод ӯ. – Аспҳоро ман ба марғзор мебарам. Шумо рафта кино тамошо кунед.

– Ура-а, – шодӣ карданд бачаҳо. – Дилшод аз хурсандӣ рӯи чоши гандуми боднокарда ғел зад. Самандар аз болои асп худро рӯи хирман ҳаво дода, назди ҷӯрааш омад.

– Кино чӣ ном дорад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Намедонам, кинои ҷанг гуфтанд.

... Саҳни мактаби деҳа занбӯрхонаро мемонд. Ҳамагӣ чанд пирамарду зан дар рӯи замин давра гирифта, аз ҳар хусус гап мезаданд. Писару духтарони бисёре ҳам рӯи замин ба ҳар ҳолат буданд ва чуғурчуғури онҳо ҳангомаи селаи сочҳоро мемонд, ки гӯё ба дарахти тут часпидаанд. Киномеханик дастгоҳашро ба кор андохта, бар девори сафеди мактабхона ҷои мувофиқро интихоб ва барои намоиш экран тайёр мекард.

Мағали ҳозирон оҳиста-оҳиста хомӯш шуд. Бар девор нақши чоргӯшае пайдо гашту дар он номи филму фамилияи муаллифон намудор шуд. Садои мусиқӣ ва якбора гумбур-гумбури тири тӯп баланд шуд. Деворҳои як имрати баландошёна титу пора шуда ба замин рехт. Доду фиғони занону кӯдакони гурезон тамошобинонро ба изтироб овард. Дар экран чанд самолёт пайдо шуда, шаҳрро бомбаборон карда гузашта рафтанд. Аз дур чанд танк меомад, ки дар паҳлӯи хар кадом накши салиби душман кашида шуда буд. Гурӯхи сарбозони немис намоён шуданд, ки аз автоматҳо беист тир холӣ карда, ба лафзи ношинос шӯру валвала бардошта, ба шаҳр зада даромаданд. Шаҳр олудаи дуду ғубор гашт. Фиғони мардум ба фалак печид.

Пас аз муддате гурӯҳи сарбозони немис издиҳоми калони занону пирамардон ва кӯдаконро мисли рама пешандоз карда, ба майдони хоктӯдае оварда қатор гузоштанд. Издиҳом ба ҳамдигар ҷафс шуда меистод. Аз нигохашон ғазабу адоват меборид.

Офитсери немис бо савлат аз пеши издиҳом қадам зада, ба ҳозирон ким-чизе мегуфту дигаре ба забони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

русӣ тарҷума мекард. Ӯ мегуфт, ки русҳо дигар ба зафар умед набанданд. Озодиро дар хоби шабашон мебинанд. Сталинград аз ду-се рӯзи дигар дер намепояд. Сталинград ки рафт, Россия рафт, гуфтан гиред...

– Хестӣ, ки хоби ширин, – касе аз байни издиҳом овоз баровард.

– Чӣ гуфтӣ? – фарёд зад фашист. Тарҷумон тарҷума кард.

– Аз саф бароред, – ба сарбозонаш амр кард ӯ.

Чанд кас пеш гузашта, соҳиби овозро панаҳ карданд. Фашистхо он чанд нафарро бо қундоқи автомат зада, дур андохтанду соҳиби овозро пеш кашида бароварданд.

– Парронед! – амр кард офитсер.

Як сарбози қадпасти ғӯл мили автоматро суи «гунаҳкор» нигаронд. Сонияе нагузашта аз байни чордевори вайрона садои тир баромаду немиси ғӯл, гӯё буғумҳои пояш ҷудо бошад, шилиққӣ афтоду дароз кашид. Садои тири «ғайб» бештар гашт, чанд фашисти дигар вой нагуфта хобид. Боқимондаҳо ба таҳлука афтода, ба ҳар тараф бетартибона тир холӣ карда, ба иморати вайронаи рӯбарӯ даромаданд. Издиҳоми одамон низ аз фурсат истифода бурда титу парешон шуд. Чанд муддат тирпарронӣ давом кард. Баъди гирудори зиёд аскарони мо гурӯҳи фашистони асирафтодаро пеш андохта, аз иморати вайрона берун оварданд. Акнун дар майдони хоктӯда ба ҷои занону кӯдакон ва пирмардони зӯран оварда худи фашистон бо дастони боло меистоданд.

Чоҳкан – зери чоҳ.

Лаҳзаи дигари филм аз ҳуҷуми ҳавоии лётчикҳои мо сар шуд. Лётчикҳо мавқеи душманро шудгор ва замин-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ро ба сарашон чаппа карда гузошта рафтанду баъд аскарҳои пиёда ҳуҷум карданд. Чунон тез мерафтанд, ки гӯё сели дамон буданду ҳар мавҷ кӯҳи ларзон ва садди оҳанини душманро пора карда, лашкари онро ба ҳалқаи танг мегирифтанд...

Дилшод додарчаашро сари зону гирифта, паҳлӯи модараш менишаст. Вале воқеаҳои филм чунон ӯро сеҳр карда буданд, ки гумон мекард, дар корзор асту байни сарбозон падарашро мебинад. Якбора «дадаҷон» гуфта, аз ҷой хестанаш ҳамаро ҳушёр кард. Дар партави як даста нури дастгоҳи кино нигоҳҳои ҳозирон сӯи ӯ нигарон шуданд.

– Оча, нигоҳ кунед, дадема шинохтам. Ҳа, ана автомат парронда пеш рафтанд.

– Ҳа, рост, бисёр монанд, – оҳи бадард кашида гуфт Соҷида.

– Монанд не, худи худашон, – дубора такрор кард Дилшод. – Ана деҳаро озод карданд. Охир, дар хаташон навишта буданд-ку. Ҳамон ҷангро кино кардагӣ. Хурсанд шавед, оча, аз ҷанг сиҳату саломат баромаданд. Ярадор нашуда.

... Кино кайҳо тамом шуда буд. Киномеханик дастгоҳашро мeғундошт, вале Дилшод ҳанӯз аз ҷояш наҷунбида ба девори мактаб менигарист. Хаёл мекард, ки падараш ҳамин ҳоло аз танаи девори сафеди мактаб баромада, табассумкунон меояду ӯро, додарчаашро, модарашро оғӯш карда мебӯсад. Вай гӯё падарашро хоб дида бедор шуда буду мехост, ки он дубора такрор шавад.

Бечора бачаро хумори падар гирифтааст. Дилакаш гум мезанад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 9

Дилшоду Самандар баъди кино додарчаҳои масти хобашонро пуштора карда хона мерафтанд. Ҳар ду хомӯш. Дилшод ғарки андешаҳои худ роҳ мерафт. Вай дар рафти кино, аз дада гуфта хаёли мардумро парешон карданаш хиҷолат мекашид. Ягон кӯдак сарбозеро ба падараш монанд карда фарёд мезад, ҳеҷ гап набуд. Лекин Дилшод барин як бачаи калон кинoро нафаҳмад, айб-дия... Э, хайр, чӣ ҷои айб будааст? Наход одамон нафаҳманд. Одам се сол боз падарашро набинад, пазмон намешавад? Охир, дар ҷанг ҳамаи аскарҳо як хел, онҳоро фарқ кардан душвор. Майлаш, ҳар кас ҳар чизе ки гӯяд, ихтиёраш. Кас падарашро пазмон шуда, дар ҳама ҷо дида тавонад, ганда? Раваду ҳақиқатан дида бошад. Охир, дар кино баъзан лаҳзаҳои ҳуҷҷатиро ҳам истифода мебаранд-ку...

Дилшод мехост, ки худи ҳамин шаб ба падараш хат карда, воқеаи дар вақти кино рӯйдодаро баён кунад. Падараш чанд вақт боз дар муҳорибаи Сталинград иштирок мекард. Дилшод пурсиданӣ буд, ки падараш оё дар ҷангҳои барои маҳалли Осиёби кӯҳнаи Сталинград будааст? Дар филм ҳамин ҷанг тасвир шуда буд. Агар падараш «ҳа, дар он ҷанг ман будам» гуфта ҷавоб диҳад, пас хато накардааст. Он гоҳ мактуби падарашро ба хама хонда медиҳаду пардаи хиҷолатро аз миён мебардорад. Не, хиҷолаташ чӣ, ифтихор карда мегардад. Аз ҳамин деҳаи дурдасти кӯҳистон ҷавонмардони тоҷик рафта, дар Сталинград барин шаҳрҳои калон хоки душмани хунмастро безанд, фарзандонаш фахр намекунанд?...

Баъди тахминан як моҳ аз падараш як мактуби сегӯша омад. Дар мактуб пас аз дуои салому баёни



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳолу аҳволаш ва пурсиши саломатии аҳли аёлашу ҳамқишлоқиён ба саволи Дилшод ҷавоб дода буд. «Дар Сталинград барои ҳар махалла, ҳар кӯча ва ҳар иморат чандин шабонарӯз ҷангҳои сахт мерафт. Хуни бисёр рехт, ҳазор-ҳазор одамон нобуд шуданд. Лекин Сталинградро ба душман нadoдем. Дилшод, ман ба ту ҳаминро гуфтанӣ, ки дар бисёр задухӯрдҳои барои муҳофизати шаҳр иштирок кардам. Лекин дар кинои ту дидагӣ будан ё набуданамро намедонам. Чунки киночиҳо лаҳзаҳои ҷангро айнан ба навор гиранд ҳам, ҷанговаронро ин тавр исту он хел ҳуҷум кун гуфта, огоҳ намекунанд. Ба ин ҳоҷат нест, ҷанг ҷанг аст, ҳаёту мамот дар миён меистад. Шояд маро дар он кино дида шинохтанат рост бошад. Чунин воқеаҳо бисёр мешавад. Хайр, гап танҳо дар ин не. Муҳимаш ҳамин ки ҳам мо дар майдони ҷанг ва ҳам шумо дар қишлоқ як мақсаду як орзу дорем. Ҳамаамон мехохем, ки Ватанамон ҳарчи зудтар аз қадами нопоки душман пок шавад. Ана ҳамин, писарам. Ҳар кас пурсад, ҳамин хел гӯй! Ман хурсанд, ки ту писари калону баақл шудаӣ. Дилам пур, ки ҷои ман дар колхоз холӣ намемонад. Нағз кор кун, сарбони оилаамон шав, ба модарату укоҳоят ғамхору меҳрубон бош. Ба Расул-бобо, Ёдгор-амакат ва ҷӯраат Самандар аз ман салом гӯй. Ба Ҷиранамон ҳам.

Саломат бош, писари ширинам. Умедам аз ту калон. Бо саломи ҷанговарона, падарат».

## 10

Чоштгоҳӣ онҳо паяи дирӯз партофтаашонро кӯфта тамом карданд. Дар паҳлӯи он паяи нав партофта буданд, ки Самандар бо ёрии Расул-бобо аспҳои гардан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба гардан қатор бастаро аз рӯи ғарами бандҳои нав титкардаашон ҳай карда бароовард. Расул-бобо ресмони аспи қатори чапро ба яккамехи мобайни пай басту Дилшод ба аспи валкаш савор шуда, аз пайи онҳо ҳай кард. Аспҳо то зону ба бандҳои титшудаи гандум ғӯтида, давр мезаданд.

Бодгарҳо шамоли омадаро ғанимат дониста, зуд хирмани кӯфтаро гирд оварда, ба бод кардан даромаданд. Дам ба дам теппаи коҳ баландтар мебаромаду донаҳои пурраи гандуми аз он ҷудошуда дидаю дилҳоро мерабуд.

Офтоб болои сар рост шуда, нурҳои худро мисли садҳо ҳазор сӯзанҳои гудохта, ба рӯи замин мерехт. Тафти ҳаво монанди ҳаври даҳони танӯрҳои тафсидаи интизори нон мавҷ мезад. Ба қавли пирамардони рӯзгордида дар чунин гармо тухмро дар рӯи хок монанд, мепухт.

Аспҳо ҳам монда шуданд, шасташон гашт. Акнун болои сарашон ҳуштаккашии қамчини Дилшод он тараф истад, ба сағриашон пай гузорад ҳам, чандон таъсир намекард. Кулоҳи лапарпаҳни қирғизии ба об таркардаи Дилшод хам дигар ӯро аз гармои тоқатшикани нисфирӯзӣ панаҳ карда наметавонист. Дилшод сип-сиёҳ шуда, гӯё дуд мекард.

Расул-бобо панҷшохаашро ба ғарами паҳлӯ халонда, тарафи ӯ оҳиста овоз дод:

– Бас, Дилшод, аспҳоро нигоҳ дор.

Ҳамаи аспҳо, гӯё ин гапро фаҳмиданд, ки таққӣ истоданд. Расул-бобо онҳоро сар дод. Сиёҳмушкин аз саф баромада, тарафи Самандар як нигоҳ карду оҳиста-оҳиста ба пешвозаш омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 11

Офтоби сӯзон гашт карда, ба уфуқ моил мешуд. Ба чайлаи чор тарафаш ялаи хирманкӯбон офтоб даромада, сояи ғафсро берун лағжонда буд. Расул-бобо ҳам шолчаашро берун кашида, ба ҷомаи ямоқинаш такя карда, качпаҳлӯ зада буд. Пирони бодгар гандумро аз бод бароварда, ба хонаҳояшон дамгирӣ рафта буданд.

Ҳамин дам аз тарафи қишлоқ як зани саргиракдор намоён шуду тарафи хирманҷой тоб хӯрд. Расул-бобо аввал ӯро нашинохт ва чун наздиктар омад, дид, ки модари Самандар аст.

– Биё, духтарам.

Вай салом доду пурсид:

– Бачаҳо ҳоло наомадаанд, амак?

– Ҳозир меоянд.

– Бечора бачаяко аз гушнагӣ чӣ шуданд, гуфта, аз ҳосили нав нон пухта овардам.

– Орд гирифтӣ?

– Ҳа.

Болои ҳамин гап буд, ки сӯхтаю пухта модари Дилшод ҳам расида омад. Ӯ ҳам дар даст тугунчае дошт. Аз тарафи дарёбод аспҳои хирманкӯб намоён шуданд. Аспи валкаш, ки Самандар савораи доимиаш буд, пушти луч пеш-пеш меомад. Аз қафо Дилшод савори Ҷирани падараш ва аз ҳама аҷиб ин, ки Сиёҳмушкинро Самандар савор шуда меомад. Нӯки чилбураш дар дасти Дилшод.

Авзои Сиёҳмушкин беҷо, фуруққос карда, сарашро аз кашиши лаҷом боло бардошта, номавзун роҳ мегашт. Самандар тасмаи лаҷомро ба дасташ як печ гардонда, сахт медошт. Дилшод ҳам нӯки чилбурро аз болои зин гузаронда, аз таги узангуи тарафи чап гардонда маҳкам



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

даст гирифта буд. Агар нӯки ресмонаш дар ихтиёри Ҷирани бақувват намебуд, эҳтимол Сиёҳмушкин Самандари бечораро бодбарак мекард. Аз авзояш маълум. Лекин ҳоло ноилоҷ тан дода буд, вале ғурураш ҳар дам боло гирифта, шаттоҳӣ мекард.

Расул-бобо бо як шодию ифтихори ниҳонӣ ба онҳо нигариста, ба модаронашон гуфт:

– Сиёҳмушкинро саворӣ кардаанд, шербачаҳо. Нигоҳ кунед, бинед, уқобчӯҷаҳоятонро, ҳаваси кас меояд, – ӯ хурсандии худро ниҳон дошта наметавонист. Риши ғуллии коҳолуди ӯ ба назар паҳнтар гашт, тамоми чеҳрааш гӯё механдид, чашмонаш барқ мезаданд. Модарон низ маънидор ба ҳам нигаристанд, гиребони саргиракҳояшонро гармсел кушод, чеҳраҳои офтобхӯрдаашон аз хурсандӣ гул карда буд.

Ду савораи кӯчак ба сурати падарони баҳодур сӯйи онҳо меомаданд...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........................................ 3
Афсона ............................................. 5
Мӯза ................................................ 12
Оҳубарра ......................................... 19
Чашма дарё мешавад ........................ 25
Модарам – ҷону дилам ..................... 33
Лонаи парасту .................................. 41
Модарамро пазмон шудам ............... 47
Хӯшаи гандум (повест) .................... 52

**Бобо Насриддин**

**ЧАШМА ДАРЁ МЕШАВАД**
*(Қисса ва ҳикояҳо барои кӯдакон ва наврасон)*

Мусаввир *О.Шемелина*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 28.10.2010 супурда шуд. Чопаш 03.11.2010
ба имзо расид. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 6,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

ҶДММ «Эр-Граф»
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*